Фаридуни ФАРҲОДЗОД

ШАБИ ЯЛДО

(Ҳикояҳо)

«TURON NASHR»
Самарқанд - 2021

УЎК 821.222.8-31
КБК 84-44(5Тад)
Ф 31

Фаридуни Фарҳодзод (Йулдошев). Шаби ялдо [Матн] : ҳикоялар / Фаридуни Фарҳодзод (Йулдошев).-Самарқанд: TURON NASHR,2021. - 96 б.

Муҳаррири масъул
Юнуси Имомназар

Имрӯз дар Ӯзбекистон барои навқаламон шароитҳои хуб муҳайё гаштааст. Аз байни ҷавонони насрнавис Фаридун бо сабку услуби худ фарқ мекунад. Ҳикояҳои вай мухлисони худро доранд.

Ин маҷмӯаи нахустини Фаридун аст, ки бо банду басти ба худ хос манзури китобдӯстон мешавад.

ISBN 978-9943-7052-2-7

© Фаридуни Фарҳодзод, 2021
© «TURON NASHR», 2021

БАРОРИ КОР!

Жанри ҳикоя дар назари китобхони сода гӯё аз қисса ва роман дар ҷумласозӣ фарқ намекунад. Аммо бо маҳорати кам роман навиштан метавон, аммо ҳикоя не.

Сабаб ин аст, ки ҳикоя аз адиб кӯтоҳбаёниро талаб мекунад. Якеро сад магӯй, садро яке гӯй. Ин мақоли халқӣ пурра ба ҳикоянавис нигаронида шудааст.

Ҳикоя жанри дӯстдоштаи камина аст. Солҳои шӯравӣ имкони чопи қисса ва роман буд, аммо газетаҳо бисёр ҳикоя чоп мекарданд.

Барои адибони тоҷик осори нависандагони рус мактаби асосӣ буд. адибони тоҷик низ ҳикояҳои ҷолиб бисёр доранд. Устод Фазлиддин Муҳаммадиев дар ҳикоянависӣ устоди ҳамаамон буданд.

«Даъво», «Сози Мунаввар», «Рӯзи дафни усто Оқил» ва дигар ҳикояҳои устод барои мо ҷавонон мактаби омӯзиши ҳунари нависандагӣ буданд.

Барои навқаламони имрӯзӣ дар Ӯзбекистон чунин устодон нестанд. Худи ҷавонони насрнавис ангуштшуморанд. Зеро корест пурмашаққат. Садҳо китоб хондан лозим ва офаридани характер, тасвири хотирмон, инъикоси муҳиттарин падидаҳои ҳаёт ҷасорат ва фидокорӣ мехоҳад.

Хеле хурсандам, ки Фаридун дар ин ҷода саҳми худро гузоштанист. Барори кор.

Адаш ИСТАД,
узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

ШАБИ ЯЛДО

- Ҳазор лаънат ба ин тақдиру сад ҳазор лаънат ба ин зиндагӣ. Худоё, болои сӯхта намакоб, боз коронавирус набошад. Агар вирус бошад чӣ мекунам? Шӯрам дар гӯр мешавад, – дар сари болини духтараки бемораш нишаста мегуфт зан ва илова кард:

– Не-е, аз куҷо ин беморӣ ба ту мегузарад? Аз остонаи хона берун нарафта бошем...

Нисфи шаб. Борони тирамоҳ сим-сим ба тиреза мезад. Дар хона шамъ хира месӯхт. Зане байни хонаву ошхона равуо дошт. Дар косае об оварда латтапораро тар мекард ва дар пешонии духтараш мегузошт.

Зан лоғарандому хароб буд. Шебу фароз ва ғаму ташвиши рӯзгор ӯро бармаҳал пир карда: дар рухсораш ожанг дамидаву ба мӯйи сараш торҳои сафед панҷа зада. Духтараки шашсола аз дард нола мекард. Дар худ мепечид. Ҳарза мегуфт. Се рӯз боз таби баланд дошт. Модари бечора бо умеди муътадил шудани ҳарорати дилбандаш аз сари болинаш як қадам дур намерафт ва ҳар замон ба сар-

сахтии худ нафрин мехонд.

– Очаҷон, – аранг гуфт духтарак.

– Ҷони оча, чӣ мегӯй?

– Зиқ нашавед, – жарф нафас кашид. – Ғами мана нахӯред... Шуморо бисёр ғам додам... – канда-канда гап мезад.

– Ин хел нагӯй, ҷони оча. Ин ҳама сазои мани шӯрбахт аст. Тақдири мани роҳгумзада. Ту ягон айб надорӣ, ҷаҳони ман... – дар чашмони зан ашк ҳалқа зад ва рӯй ба шамъ овард.

– Шамъ ҳам сӯхта тамом мешавад, – зимоми суҳбатро дигар тараф кашид. – Тамом шавад, шамъ ҳам нест. На шамъ ҳасту на чароғ. Маҷбур дар торикӣ шабро саҳар мекунем.

Зан аз тори сар ҳароратсанҷро гирифта, дар зербағали духтарак гузошт ва дубора латтапораро тар карда, дар пешониаш монд. Пас аз андак ҳароратсанҷро пеши шамъ бурда аранг дид.

– Аз 37 боло, – ғамгинона гуфт ва пас аз сукути кӯтоҳ илова кард: – Ин аҳвол намешавад. Беморхона бурдан лозим. Дигар ба азобҳоят тоқат карда наметавонам. Ту каттар сабр кун, ҷони оча. Ман аз ҳамсояҳо ёрӣ мепурсам. Шояд ягон баинсоф дасти ёрӣ дароз кунад, – гуфт ва ҷониби дар рафт.

Пеши дар пойафзоли худро бо даст кофта наёфт:

- Э, Худоҷон, ин ҳама азоб барои чӣ? Ин ҳама санҷишҳоят охир доранд ё не! То кай мани шӯридабахту пешонисахтро барои як хатоям ҷазо медиҳӣ? Магар ҳамин қадар озмуданат кам буд, ки акнун духтарамро азоб медиҳӣ? Торикӣ барои гову хар аст мегӯянд. Наход чун гову хар қадр надорем? Дар бинои бисёрошёна бе чароғу бе газ чӣ хел зиндагӣ кардан мумкин? Охир, кор ба ҷону корд ба устухон расид-ку...

– Ассалому алайкум.

– Ваалайкум. Марҳамат дароед, Салоҳиддин, – гуфт сардор ва чашм аз мард наканда ба нишастан даъват карду илова намуд: – Чӣ хизмат? Котиба гуфт, ки кори муҳим доред.

– Ҳа. Бо як илтимос омадам.

– Чӣ гап?

– Духтарам бемор шудааст. Ҳамсарам телефон карда аҳволаш вазнин гуфт. Барои ҳамин...

– Танҳо ҷавоб напурсед. Аз вазъият бохабаред. Ҳоло ягон кормандро ҷавоб дода наметавонем. Ғайр аз ин, аз Бухоро то Самарқанд чӣ хел меравед? Аз постҳо намегузаронад.

– Медонам, аммо ноилоҷам.

– Ҳама кор илоҷ дорад. Худаш чӣ шудааст?

– Се рӯз боз табаш баланд будааст. Метарсам, ки...

– Не-е, – авзои сардор тағйир ёфт. – Ба шифохона набурдаанд?

– Не.

– Зудтар баранд. Ба хешовандон гӯед, тез шифокор ҷеғ зананд.

– Хешовандон ҳама дур аз шаҳр зиндагӣ мекунанд. Имкони омадан надоранд. Илтимос, маро дуруст фаҳмед. Наравам намешавад.

– Шумо кай равона?- пас аз сукути кӯтоҳ ба Салоҳиддин нигоҳ кард.

– Агар ҷавоб диҳед, ҳозир ба роҳ мебароям.

– Бегоҳ мошини корхона Навоӣ меравад. Ман ҳозир ба рононда мегӯям, то Навоӣ ҳамроҳ мебарад...

Зан дарро кушод, зери нури чароғи берун дампойи-ашро ёфт.

Азбаски дар ошёнаи якум ғайр аз онҳо дигар касе зин-

дагӣ намекард, ба ошёнаи дуюм баромада, занги дареро пайиҳам чанд бор пахш кард. Аз дарун садое набаромад. Дар пушти дари паҳлуи он занг набуд ва бо даст ба дар зад.

– Кӣ ҳаст? Илтимос ёрӣ диҳед... – гиря гулӯгираш мекард. Ҳастияшро эҳсоси тарс фаро гирифта буд. Метарсид, ки ҳаёт ӯро аз мазмуни зиндагӣ, дору надори умраш ҷудо мекунад. Охир дигар тобу тавони санҷиши рӯзгорро надорад. Аз дарун шарфаи пой шунида шуд.

– Кто там? – овози марғуладор баланд шуд.

– Ман, ҳамсояатон. Илтимос дарро кушоед...

– Кто?

– Хушнуда. Ҳамсояатон. Ваша соседка...

– Что тебе надо?

– Ёрдам кунед. Аҳволи духтарам вазнин. Температураш болост...

– Вон отсюда! Не беспокой меня...

– Илтимос, кумак кунед. Духтарам ба ёрӣ муҳтоҷ аст, – гиря кард.

Садое наомад. Хушнуда фаҳмид, ки дарро намекушояд. Ба ошёнаи сеюм давид. Аз саросемагӣ пояш бо ҳам печида афтод ва нарангушташро ба зина зад.

– Оҳ, очаҷон, – дод зад. Нохуни ангушт боло шуда, аз паҳлӯяш хун таровид. Нохунашро бо даст зер карду роҳашро давом дод. Занги дареро пахш кард. Пас аз фурсате овози зане баланд шуд:

– Кист?

– Ман ҳамсояатон. Илтимос, ба ман ёрдам кунед. Духтарам, Шукрона бемор аст, – гирякунон гуфт. – Ҳарорташ намефарояд. Беморхона набарам, намешавад.

– Шавҳарам нестанд, – ҷавоб дод ҳамсоязан. – Бачаҳоям танҳо. Ба ёрии таъҷилӣ занг занед, омада мебинанд.

– Телефонам нест. Агар телефонатонро медодед, – гӯш аз пушти дар намегирифт...

– Телефонам пул надорад, – сухани Хушнударо то охир

нашунида гуфт зан. Маълум буд, ки баҳона мекунад. – Тезтар шифохона бared. Боз коронавирус набошад. Дар берун доду бедод накунед, бачаҳо метарсанд.

– Чӣ хел дод нагӯям? Охир духтарам бо марг дар талош аст... Илтимос, ёрӣ кунед...

«Коронавирус набошад» гуфтани ҳамсоязан дар дили Хушнуда оташ афрӯхт. Тарсаш дучанд гардид. Наход нури чашмаш ба ин балои нав печида бошад? Зуд ба ошёнаи чорум рӯ овард. Ҳар ду дари ошёнаи чорум занг надошт. Ноилоҷ бо даст кӯфт. Паснигарон буд. Аз Шукрона хавотир мекард. Дари якумро касе накушод. Пушти дари дуюм рафт. Афсӯс, ҳеч кас садо надод. Хушнуда ноумед қафо баргашт. Нохунаш сахт дард мекард. Вақте ки панҷааш ба пойафзолаш мерасид, дард ҷонкоҳтар мешуд. Димоғсӯхта хона даромад. Шамъ нурҳои охирини худро дар фазои хона паҳн мекард. Зан пеши духтараш омада нишаст:

– Ҷону ҷаҳони оча. Медонам, ҷонат дард мекунад, – латтапораи пешонии духтаракро нам карда дубора гузошт ва дамосанҷро дар зербағалаш монд. Гиря кард. – Ҷони бачам сахт дард мекунад. Ин нолаи духтарҷони ман не, ин оҳи дард аст. Ин афғонҳои ту миёни ҳамин чор девор мемонанд, духтарам. Касе нест то садои дардҳоро шунида, дармон шавад. Кош, ба гӯши ягон одамиятдоштае мерасиду ёрӣ мерасонд. Ҳеч набошад, дарашро мекушод. Одамон бемеҳр шудаанд. Дар амну амонӣ бо ҳам чӣ меҳрубон буданд, ки дар вақти паҳншавии ин касалии гузаранда ғамхор шаванд. Ҳама дар тарси ҷон, – дамосанҷро гирифта дид, ки симоб ба 38 расидааст.

– Чорае накунам намешавад, – палточаи духтаракро аз болояш гирифта пӯшонд. – Ҳозир туро шифохона мебарам, – гуфт ва духтарро оғӯш карда ба кӯча баромад.

Резаборон ба рӯйи хазонбарғҳо оҳиста мезад, чун мутрибе, ки ангор ба тор нохун мезанад.

Хушнуда духтарашро дар канор сахт зер карда сари

роҳи калон баромад. Мошин кам буд. Мусофиркаше намоён шавад, Хушнуда даст боло мекард. Аммо мошинҳо наистода «шув-шув» аз паҳлуяш мегузаштанд.

– Гуноҳамро медонам, – гирякунон гуфт Хушнуда. – Наход барои як хатоям ин қадар азоб медиҳӣ?.. Ин қадар месанҷӣ?.. Ин ҳама дарду аламро ба сарам мебиёрӣ... – гӯё ашк не, хуни дил мерехт. Аз рухсори харобаш донаҳои ашк якҷоя бо резаҳои борон ба замин сарозер мешуданд. Пеши сӯзиши дил дарди нохунашро эҳсос намекард. Лангон-лангон пеш мешитофт.

Мошине аз канори онҳо гузашта қарор гирифт. Марди камгӯшти қоматбаланде аз он фаромад:

– Ҳа хоҳар, нисфи шаб, дар ин борон куҷо меравед?

– Илтимос, ба додамон расед, – тезтар роҳ гашт Хушнуда. – Духтарам бемор аст. Шифохона мебарам.

– Албатта ёрӣ медиҳем, – мард дари қафои мошинро кушод.

– Лекин пул надорам, – ҳичолатмандона гуфт Хушнуда.

– Аз шумо пул пурсидам? – ниқоби рӯяшро дуруст кард мард.

– Ҳазор раҳмат, – оҳиста дар мошин нишаст Хушнуда.

– Бениқоб мегардед. Кормандони мақомот бинанд, ҷарима мекунанд, – сари фармони мошин нишаста, хандида гуфт мард.

– Аз саросемагӣ фаромӯш кардаем.

– Ба духтаратон чӣ шуд?

– Чанд рӯз боз чизе нахӯрдааст. Таб мекунад. Даруни обу оташ месӯзад. Ҳеч ҳарорташ паст намешавад, – гуфт Хушнуда.

– Зиқ нашавед, хоҳар. «То гӯсола гов шавад, дили соҳибаш об шавад», гуфтаанд. Ҳама бачаҳо то ба камолот бисёр афтода мехезанд. Худо хоҳад, сиҳат мешавад.

– Очаҷон, – гуфт Шукрона.

– Ҳа, духтарам.
– Тирезаро кушоед.
– Хунук мехӯрӣ, духтарам?
– Не... Хунук намехӯрам.
– Ман мекушоям, – гуфт мард ва оинаи паҳлуи худро поён кард.

Шамол ба даруни мошин бӯйи хазону боронро даровард. Қатраҳои борон ба даруни мошин мезад. Духтарак аз ин роҳат мебурд. Чашмонашро пӯшида, жарф-жарф нафас мекашид.

– Очаҷон, – бо овози дардолуд гуфт Шукрона.
– Ҷони оча...
– Одам мурад, дар осмон ситора мешавад-а?
– Ин гапро кӣ гуфт?
– Аз як филм фаҳмида будам.
– Чаро инро мепурсӣ?
– Ман ҳам мурам... ситора мешавам?..
– Ин тавр нагӯй, духтарам. Ин гапи бемаъниро аз куҷо ёфтӣ? – дубора гиря кард Хушнуда.
– Осмон абрнок бошад... мо ҳамдигарро чӣ хел мебинем... очаҷон? – овози духтарак ларзид.

Хушнуда тоқат накард. Ҷигарбандашро сахт оғӯш намуда, аз пешонияш бӯсид:

– Ин гапро нагӯй, духтарам. Худо хоҳад, садсола мешавӣ.

– Салом, ака. Йӯл бӯлсин. Қаерга кетяпсиз?
– Самарқанд...
– Қаерига?
– Шаҳар.
– Майли, ӯтиринг.
– Чанд сӯм...
– Эл қатори 100 минг сӯм...

– 100 ҳазор. Не-е...
– Нарх ӯзи шу. Мошиналар қатнамаяпти.
– Не, намешавад.
– Нечи сӯм бермоқчисиз?
– 50 ҳазор...
– Йӯғе... тӯғри келмайди, – гуфт ронанда ва рафт...

Салоҳиддин боз дар канори роҳ монд. Ба ҳар як мошин даст боло мекард. Мошине бозистод. Мард давон рафт:

– Салом, ака.
– Ваалайкум. Куҷо меравед?
– Самарқанд.
– То Каттақӯрғон меравам.
– Чанд сӯм?
– Худатон ягон чиз медиҳед.
– 30 ҳазор.
– Ҳа, шинед. Борхалтаатонро дар қафо монед, – гуфт ва бағоҷмонакро кушод. Салоҳиддин борхалтаи либосҳояшро дар бағоҷмонак монда, пулашро гирифту дар бағалкисааш андохт...

Ронанда модару духтарро ба шифохонаи шаҳр овард.

– Раҳмат ба Шумо. Ҳазор раҳмат. Илоҳо хушбахтии бачаҳоятонро бинед, - гуфт Хушнуда.

– Намеарзад. Худо шифо диҳад, – гуфт мард.

Хушнуда духтарашро маҳкам печонда, ба дарун шитофт.

Шукронаро зуд ба хонаи алоҳида даровардand. Чанд ҳамшираи шафқат дар атрофи ӯ буданд. Яке аз онҳо, ки ранги либосаш аз дигар парасторон фарқ мекард ва сергӯштгар буд, ба ҳамширае фармуд, то шифокори навбатдорро ҷеғ занад. Худ рӯ ба Хушнуда овард:

– Шумо...
– Ман модараш.

– Модари бемор, – сар то пои Хушнударо бо нигоҳ пал-мосид. – Аз қафои ман биёед.

Дили Хушнуда тақ кашид. Лангон-лангон аз дунболи парастор рафт ва дар ниҳод меандешид, ки ақаллан дору биёр нагӯянд. Охир доруро аз куҷо, бо кадом пул мехарад.

– Ҳуҷҷатҳои зарурироро пур кардан лозим. Шифокори навбатдор доругиҳои зарурироро мегӯянд, рафта меби-ёред, – гуфт ҳамшираи шафқат...

Салоҳиддин ҳамроҳи ду ҷавон дар қафо менишастанд. Дар паҳлуи ронанда зане буд. Ҳама дар рӯй ниқоби тиб-бӣ доштанд. Азбаски яке аз роҳҳои асосии сироятёбии коронавирус мулоқот буд, ҳама мусофирон аз бисёргӯй худдорӣ мекарданд. Ангор дар даҳон талқон андохта бу-данд.

Даруни мошин гарм буд. Салоҳиддин ниммтанаи боло-пӯшашро кашида, аз бағалкиса телефонашро гирифту онро дар паҳлуи худ гузошт. Нигоҳҳои кунҷковонаи ҷа-вони бағалдасташ аз эътибори ӯ дур монд. Аз телефон соатро дид. Мили соат дувоздаҳро нишон медод. «Аз корхона бевақт баромадем. Лекин ронанда марди хуб бу-дааст. То гузаргоҳи Самарқанд овард. Соати даҳ омада бошам, ду соат ба мошин нигарон мондаам» аз дил гуза-ронд Салоҳиддин ва худро лакоту бемадор ҳис кард. Ба оинаи мошин такя намуда, дида ба берун дӯхт ва аз кӯф-тагии роҳ зуд хобаш бурд...

Хушнуда дар толори қабул менишаст. Яке аз ҳамши-раҳои шафқат, ки ҳамкасбонаш ӯро Дилрабо ном меги-рифтанд ва дар ҳақиқат аз дигар парасторон дилрабо-тар буд, хабар дод, ки шифокори навбатдор ӯро интизор

аст.

Дар утоқи навбатдорон ҷавони қоқинае менишаст. Азбаски машғули навиштан буд, омадани Хушнударо пай набурд.

– Салом, – бо овози паст гуфт Хушнуда.

Шифокор сар боло намуда, ба саломаш алайк гирифт ва ба нишастан таклиф кард. Шифокор ҷавони тахминан сисола буд. Абрӯҳои ғафси сиёҳ, чашмони калон-калон дошт. Нигоҳаш бошарару самимӣ менамуд, ки хоси аксар шифокорон аст.

Вақте ки Хушнуда наздиктар омада дар курсӣ нишаст, сурати шифокор ранг бохт. Чеҳраи Хушнуда ба назараш шинос намуд. Шифокор саргарми андешаҳо аз зан чашм намеканд:

– Ҳамшира гуфтанд, ки маро даъват кардаед, – аз диққати ӯ андак ҳиҷолат шуда гуфт Хушнуда.

– Ҳа-ҳа, – дасту по гум кард шифокор. – Духтараки бемор фарзанди шумо?

– Ҳа, – овози Хушнуда ларзид. Дилаш ба ҳавл меомад, метарсид, ки ҷигарбандаш гирифтори бемории вазнин набошад.

– Чанд рӯз боз таб мекунад? – бодиққат ба Хушнуда нигоҳ мекард ва то ҳол меандешид, ки ин занро дар куҷо дидааст...

– Се рӯз...

– Чаро барвақттар ба шифокор муроҷиат накардед?

– Ман шамол хӯрдааст, гузашта меравад гуфта будам, – дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

– Вазъи саломатии Шукронаро хуб гуфта наметавонам. Духтаратон...

– Корона...-гиря гулӯгираш карда, садояш дар халқаш печид.

– Ҳоло аниқ не, – ҷиддӣ гуфт шифокор. – Аммо нишонаҳо ба аломатҳои бемории нав монанданд. Ба қоидаҳои карантин риоя мекардед?

Пеши чашми Хушнуда сиёҳӣ зад. Дар дилаш халаи ҷонкоҳеро эҳсос намуд. Гӯё касе бо болға дар сандуқи синааш мех мекӯфт.

– Мемирад? – аранг пурсид ва оби чашмаш равон шуд.

– Не-е. Воҳима накунед. Ман коронавирус нагуфтам. Танҳо нишонаҳо монанданд. Шумо рӯҳафтода нашавед. Худатон медонед, ки аз моҳи март боз ин беморӣ дар мамлакати мо «меҳмон» аст. Барои ҳамин мепурсам, – самимона гуфт шифокор. – Пагоҳ вирусшиносонро ҷеғ мезанем. Тести озмоишӣ мегузаронанд. Дар хона ба қоидаҳои карантин риоя мекард? – дубора пурсид.

– Ҳа, - оби чашмашро бо остин тоза кард.

– Ягон пайвандатон аз хориҷа наомада буд?

Хушнуда тавони сухан гуфтан надошт ва ба маънои «не» сар ҷунбонд.

– Умед мекунем, коронавирус набошад. Чӣ хел беморие бошад ҳам, табобатро тезтар сар кунем, ҳамон қадар барвақт ба по мехезад.

– Чӣ хел табобат? – бо ҳарос пурсид Хушнуда.

– Мо ёрии аввалини тиббиро мерасонем. Бо доруҳо табобат мекунем. Шукрона бояд зери назорати доимии шифокорон бошад.

– Пеши духтарам равам мешавад.

– Албатта,-гуфт шифокор ва бо телефон ҳамшираро ҷеғ зад.

Парастори болоқади хушандом даромад.

– Дилрабо, ба хола ниқоб дода, пеши духтарашон баред, – супориш дод ва ба Хушнуда рӯ оварда:

– Ҳозир шумо пеши Шукрона равед. Дар пеши духтаратон буданатон, ба вай мадор мешавад, – бо табассум гуфт шифокор ва барои гуселонидан аз ҷой хест.

Хушнуда лангон-лангон тарафи дар рафт.

– Ба поятон чӣ шуд? – пурсид шифокор. – Ҷароҳат дорад?

– Не. Нохунам...

– Шумо ҳамроҳи Дилрабо равед, – гуфт ва ба парастор фармуд: – Аввал дар пояшон марҳам молед. Баъд пеши духтарашон баред.

Хушнуда ҳамроҳи парастор берун рафт ва шифокор аз қафои вай бо саволҳои бечавоби дил нигарон монд...

Салоҳиддин аз ногаҳонӣ тормоз додани шофёр бедор шуд. Чархи мошин ба «яма» афтод, ки ронанда роҳсозонро лаънат мегуфт. Ду чавони ҳамроҳаш набуданд. Зан хуррок мекашид. Салоҳиддин соати телефонро дида, хост онро дар кисаи пичама андозад. Телефонро андохта, куртКаро бардошта буд, телефон ба поён афтод. Даст ба киса андохт: он буридагӣ буд. Дарҳол пулҳоро хабар гирифт. Пул набуд. Салоҳиддинро гӯё барқ зад. Ҳуш аз сараш парид. Пеши пояшро дид, давру барашро кофт, ҷойи нишасти чавононро даст-даст кард.

Чароғи даруни мошинро гиронда, дубора кофт, аммо пулро наёфт...

Шукрона бо таъсири доруҳо мехобид. Дар нафаскашӣ душворӣ мекашид. Рангаш докавор сафед буд.

Дар утоқи хурд ду кат, як мизу ду курсӣ ва либосовезаку дуто чевони хурд буд. Хушнуда ором менишаст. Ором набуд, гиря мекард. Фақат бесадо. Чашм аз нури дидааш намеканд. Дар ниҳод меандешид, ки наход нури дидааш, фурӯғи рӯзгараш, мазмуни ҳаёташ, сурури зиндагониаш ба бемории вазнин печидааст? «Боз як санҷиш, боз як дард, боз як азоб ва боз бо ман, – гуфт бо худ. – Зиндагӣ нобаробарист. Саршор аз ноадолатиҳо, фисқу фасод, дурӯғу риё, кибру ҳасад, ғайбату туҳмат. Ҳеч гоҳ дар он мезони адолат риоя нашудааст ва шояд нашавад.

Зиндагӣ... Ҳатто дар тақсими ғаму шодӣ адолат нест. Яке тӯли умр бо суруру шодӣ, дар миёни хушбахтию фараҳ умр ба сар мебарад, дигаре як умр пойбанди дарду ғам. Як умр бо умеди рӯзи нек, саодат ва бахт зиндагӣ мекунад. Як умр поёни шаби сиёҳро интизор мемонад.

Зиндагӣ... Тирарӯзиҳояш аз ибтидо сар мешавад, аз рӯзи таваллуд. Баробари таваллуд дар гаҳвора дасту поро ишкел мезананд, то даст ба ҳар ҷо набариву по ба ҳар ҷо наниҳӣ. Аввал аз нодонӣ азият мекашӣ, баъд подоши нодониҳоят азоб медиҳанд ва пас аз он ҳазор мушкилоти худу дигаре ба гарданат бор мешавад ва дар ниҳоят, ба чунин тарзи рӯзгор одат мекунӣ. Ҳа, ҳа, одат мекунӣ. Хулоса мекунӣ, ки зиндагӣ худ чунин аст. Қонуни зиндагӣ ҳамин, ҳосили умр чунин: яъне ҳама ҷамъ омадаанд ва туро ба роҳи охират мебаранд.

Ман ҳам одат карда будам. Ба тирарангии умри худ. Медонистам, ки рӯзе аз бори зиёди рӯзгор миёншикан мешавам, дигар тоби мубориза бо бадиву номардиҳои он намемонад ва дар дил сад армон мемирам. Аммо ҳеч умедвор набудам, ки Худованд пеш аз ман ҷигарбандамро, бачаи талабидаву харидаамро мерабояд. Порои диламро бо марг рӯ ба рӯ мекунад. Охир, ин ҳоло бача аст. Чӣ айб дорад? Бигӯ, Худоҷон, чӣ гуноҳ кардааст? Чӣ хуширо дид? Ҳоло сафеду сиёҳро хуб фарқ намекунад. Шарт нест, ки аз аввал ба ӯ ранги сиёҳро нишон дода, бигӯем, ки ин ранги зиндагист: сип-сиёҳ...»

Шаби сиёҳ равшантару дили Салоҳиддин зулмонитар, манзил наздику хаёлоташ ба дуриҳо парвоз мекард. Намедонист чӣ кор кунад. Ангор мағзаш кор намекард, дилаш наметапид, чизеро эҳсос наменамуд. Танҳо саволҳои беҷавоб сарашро гиҷ мекарданд: чӣ гуна ин гиреҳро кушояд? Чӣ хел бачаҳо пулашро гирифтанду ӯ бехабар монд? Ронанда онҳоро мешинохт ё бегона буданд? Роҳкироро аз куҷо медиҳад? Падарқусурҳо, кисабурҳои ботаҷриба будаанд. Ҳама кисаҳоро бурида, пулро гирифтаанду як тин намондаанд.

– Ин ду ҷавони ҳампаҳлуям дар куҷо фаромаданд? – гапро аз дур овард Салоҳиддин.

– Дар Мирбозор, – садои радиоро пасттар кард ронанда.

– Онҳоро мешинохтед?

– Не-е, аз куҷо мешиносам, – чашм аз роҳ намеканд. – Ҳозир ҳама аз худ метарсад. Ҳеч кас роҳмондагонро намегирад. Касал – коронавирус набошанд гуфта меҳаросанд. Шумо барин аз роҳ баромаданд, гирифтам...

Хушнуда дар болои кати духтараш сар монда зор-зор мегирист. Бечора бе дуд месӯхт.

– Чаро беникоб мешинед? – аз овози ногаҳонии ҳамшира, ки омаданашро пай набурда буд, як қад боло ҷаст ва ашки чашмонашро тоза карда, гиряолуд гуфт:

– Шарт не.

– Барои саломатии худатон мегӯям.

– Бигзор бемор шавам, азоб кашам. Ҷони духтарам азият накашад, шуд, – гиря кард.

– Агар дарди кашидани духтаратонро нахоҳед, худатонро эҳтиёт кунед, гуфт парастор ва коғазеро дароз кард: – Ин рӯйхати доруҳои зарурӣ. Шифокор гуфтанд, биёред.

– Доруҳо... – аз ҷой хеста коғазро гирифт.

– Духтаратон хастаҳолу бемадор аст. Иммунитеташ паст. Аксари ин доруҳо, иштиҳакушо ҳастанд ва масуниятро хуб мекунанд. Иммунитет қалъаи саломатӣ аст, ки инсонро аз ҳар гуна дардҳо ҳифз мекунад. Қалъаи саломатӣ ноустувор бошад, одам зуд бемор мешавад.

– Хоҳарҷон, – сар аз рӯйхат бардошта ҳиҷолатомез лаб кушод Хушнуда, – ҳамин доруҳоро ҳозир аз ҳисоби шифохона диҳед, баъд ман пулашро биёрам намешавад?..

– Ин хел доруҳои қиматро аз ҳисоби бемористон намедиҳанд. Ҳамаи инҳо аз хориҷа меоянд.

– Ҳозир пул надоштам, – сар хам кард. – Аз саросемагӣ аз хона ҳам пул нагирифтаам, – дурӯғ гуфт.

– Ба шавҳаратон, хешонатон телефон кунед, пул биёранд.

– Чӣ гап Дилрабо? – дар суҳбат буданд, шифокор омад.

– Рӯйхати доруҳоро додам, Беҳзоди Мурод.

– Табобатро бояд тезтар сар кунем, – рӯ ба Хушнуда овард шифокор. – Шаб дорухонаҳо нархро дучанд мегӯянд. Доруҳоро пагоҳӣ биёред ҳам мешавад.

– Раҳмат, духтур. Пагоҳӣ албатта ҳамаашро мебиёрам, – гуфт Хушнуда ва бо худ андешид, ки то пагоҳӣ шавҳараш ҳам меояд.

– Хоҳед хонаатон равед. Ин ҷо монданатон шарт не.

– Не, дар пеши духтарам мемонам.

– Ихтиёратон, фақат худро эҳтиёт кунед, – гуфт Беҳзоди Мурод ва баромада рафт. Аз худ мепурсид, ки «Наход ҳамон инсон? Агар ҳамон зан аст, чӣ хел ба ин ҳол гирифтор шуд? Ё ман ғалат мекунам?»...

Салоҳиддин воқеаро ба ронанда нақл кард. Шофёр аввал дурӯғ пиндошта, ду-се сухани пасту баланд гуфт.

– Ба ҷойи роҳкиро телефонамро гиред, -гуфт Салоҳиддин.

– Шарт не. Ҳозир телефонатон аз ман дида, ба шумо заруртар аст, – гуфт ронанда ва ӯро дар истгоҳи Самарқанд монду рафт.

Соат аз ду гузашта буд. Димоғи осмон гирифта ва шамол бӯйи боронро ба машом мезад. Дар ҳар сӯ хазонтӯдаҳо ба чашм мерасиданд. Дар истгоҳ мошине набуд. Салоҳиддин ба чор тараф нигоҳ кард ва ба тарафи дӯкончаи канори истгоҳ қадам монд. Дар шамолпанаҳе нишаста, аз телефонаш рақамеро ёфт. Ба он дурудароз нигоҳ кард. Баъд тугмаи сабзро пахш карду зуд тугмаи сурхро зер намуд. Дудила мешуд: занг занад ё не. Дигар илоҷи гиреҳкушоии муамморо надида, боз тугмаи сабзро пахш кард. Телефон даъват мекард, аммо касе ҷавоб надод. Ду-се бор телефон кард, ҳеч кас набардошт...

– Шифокор инсони хуб менамоянд, – ба кори парастор, ки ҳарорати Шукронаро месанҷид, диққат карда гуфт Хушнуда.

– Беҳзоди Муродро мегӯед? – пурсид Дилрабо.

– Шифокори навбатдор...

– Ҳа, аз шифокорони беҳтарини бемористон. Инсони дарёдил, меҳрубон ва пурдону кордон ҳастанд.

– Аз куҷо?

– Хато накунам, аз Ҷиззах.

– Куҷоро хатм кардагӣ? – кунҷковона пурсид Хушнуда.

– Донишкадаи давлатии тиббии Самарқандро. Магистратураро дар Русия хондагӣ.

– Не-е...

- Мегӯянд, ки шифокорони Русия дар ҳамон ҷо монда кор карданашонро хостаанд. Аммо Беҳзоди Мурод «ман аз шумо дида, ба халқи худам бештар лозим» гуфта омадаанд. Дар шифохонаи мо як сол боз кор мекунанд, – гуфт Дилрабо.

– Падару модарашон инсонҳои хушбахт будаанд.

– Ҳа. Афсӯс, ки ҳоло ҳар дуяшон нестанд. Мегӯянд, ки падарашон вақти мактабхон будани Беҳзоди Мурод модарашонро бо чор фарзанд танҳо монда, дигар оила кардааст. Модарашон чанд сол пеш, вақти дар Русия будани Беҳзоди Мурод вафот кардаанд.

– Афсӯс...

– Беҳзоди Мурод худашон дар мактаб-интернати бачаҳои оилаҳои камбағал таҳсил гирифтаанд. Аз шогирдии мактаб-интернат то ба дараҷаи беҳтарин шифокор. Ин кори осон не. Аз дасти ҳар кас намеояд, – мамнунона гуфт Дилрабо.

– Албатта. Ба болои кӯҳ баромадан ҳамеша мушкил аст. Лекин аз боло поён фаромадан осон, – нафаси бадард кашид Хушнуда. – Илоҳо, ҳамеша роҳашон ҷониби қуллаи кӯҳ бошад...

Салоҳиддин ба девор такя карда, оқибати корро меандешид. Худро сарзаниш мекард. Чора меҷуст. Рӯз шавад чӣ кор кардан ва чӣ хел ба Самарқанд рафтанро фикр мекард.

Салоҳиддин худ марди тануманди қадбаланд буд. Мӯйи сараш сафед ва дар абрӯяш ҳам чанд тори сафед ба назар мерасид. Хамгаштҳои рухсораш аз дарду доғ, гарму сард ва пасту баланди рӯзгор ҳикоя мекарданд. Охир, ду ҳамсарро ба хок супурда буд. Зани якумаш дар садамаи нақлиёт вафот кард. Ягона писаре, ки доштанд, пас аз марги модар, ба хонаи холааш рафт. Салоҳиддин гоҳ-гоҳ дидорбинӣ мерафт. Аммо хешовандони занаш дар байни падару писар тухми нифоқ коштанд. Аз ин рӯ, оҳиста-оҳиста писараш аз ӯ дур шуд. Хабаргирӣ равад, суҳбат намекард. Намехост. Мактабро хатм карду муҳоҷириро ихтиёр намуд. Ду сол боз дар Хабаровск кор мекунад. Зани дуюмаш камақл баромад. Кӯчагардиро дӯст медошт. Ҳамаи гапи

хонаро байни мардум достон мекард. Салоҳиддин ба ҳама нозу ниёз, рафтору гуфтори вай тоқат мекард. Ба ҳар ҳол, хӯроки гармаш дар пешаш буду либоси танаш тоза. Рӯзе аз кор баргашта, занашро овезон ёфт. Ба ҷони худ қасд карда буд. Боз муҷаррад монд. Ин ҳама ӯро афсурдаву аз зиндагӣ дилсард карда буданд. Бинобар ин, намехост сеюмбора оиладор шавад. Лекин...

Хушнуда парешон буд. Метарсид. Сахт меҳаросид. Наход духтараш коронавирус аст. «Аз рӯзе, ки беморӣ аниқ шуд аз хона кам мебароем. Танҳо ба хона ягон чиз даркор шавад, то дӯкони сари кӯча мерафтем. Чӣ хел ин беморӣ сироят карданаш мумкин? Наход...» меандешид ва садои дар ӯро аз вартаи хаёлот берун овард. Парастор хабар дод, ки Беҳзоди Мурод ӯро ҷеғ мезанад. Хушнуда аз дасти духтари хобидааш бӯсид ва зери лаб, «зуд бармегардам» гуфта, берун рафт.

Беҳзоди Мурод самимона пешвоз гирифт:

– Ҳоло аҳволи Шукронабону хуб аст. Ҳарорataш ҳам дар меъёр. Ба фикрам ин коронавирус не. Ба бемории варами роҳҳои нафаскашӣ монанд аст. Лекин ба ҳар эҳтимол тест мегирем. Ман ба садорат хабар кардам. Чӣ набошад, табобатро тезтар сар кардан даркор, – ором сухан мекард ва пас аз сукути кӯтоҳ:

– Аҳволи Шумо чӣ хел? – пурсид. – Шавҳаратон омаданд?

– Не, – сархам ҷавоб дод Хушнуда.

– Дар шаҳр аз хешовандон ҳастанд?

– Ҳастанд... аммо ман барои онҳо нестам, – овозаш ларзид ва илова кард:

– Ҳозир ба шавҳарам занг мезанам.

– Соати ҳашт навбатдории ман тамом мешавад, – чашм аз Хушнуда намеканд. – Яъне, пас аз ду соат. Пеш

аз рафтан бо шавҳаратон баъзе масъалаҳоро маслиҳат карданӣ будам.

– Чӣ хел масъала? Бе парда гап задан гиред... Агар масъалаи пул бошад, хавотир накунед. Чӣ хел набошад, пулро месупорем.

Беҳзоди Мурод мулоим хандид:

– Дар ҳаёт ҳама масъала ҳам бо пул вобаста нест. Масъалаҳои аз пул муҳимтар зиёданд. Кори бомаслиҳат буд.

– Чӣ хел кор? – сарашро боло бардошт Хушнуда ва теғ кашида нигоҳ кард.

– Масъалаи ба дигар шифохона гузарондани Шукрона. Яъне шифохонаи махсус барои табобати чунин беморон.

– Чунин беморон!? Чӣ хел беморон? – рухсораш ранг бохта, аз ҷой хест Хушнуда. – Шукрона коронавирус аст?

– Воҳима накунед, – Беҳзоди Мурод ҳам ба пой рост шуд. – Ман шифохонаеро дар назар дорам, ки дар он ҷо беморони шамолхӯрдаро даво мекунанд. Ба ҳар ҳол...

– Моро муфтхӯру фиребгар фикр мекунед? Аз мо тезтар халос шудан мехоҳед? – дар миёни сухани шифокор гуфт Хушнуда ва гирякунон баромада рафт.

– Шумо маро нодуруст фаҳмидед, – ҳиҷолат шуд Беҳзоди Мурод...

Тирамоҳ. Табиат димоғсӯхта буд. Шамоли сахт мевазид. Ангор дарахтонро решакан мекард. Шохҳо чунон ба ҳам «даст» мезаданд, ки баргҳои тиллоранг ба чор тараф пош мехӯрданд. Дар тори ҳаво ба дуриҳо парвоз мекарданд.

Поси шаб Салоҳиддин аз меҳмонӣ бармегашт. Аз дур, дар рӯ ба рӯйи хонаи худ, зери пешайвони маҳалла сояи одам намудор шуд. Ба хона наздик рафта дид, ки ду нафар меништастанд. Аз либоси сурхрангашон аён буд, ки зан ҳастанд. Салоҳиддин беэътибор вориди ҳавлӣ шуд. Хонаи

хоб даромад ва телевизор гиронда, рӯйи диван нишаст. Соате нагузашта хобаш омад. Аз ҷо хеста пеши тиреза рафту як табақи онро кушод. Борон меборид. Шамол онро ба дару девор мезад. Беихтиёр чашми Салоҳиддин ба пешайвони маҳалла афтод. Он ду нафар дар ҷойи худ менишастанд. «Онҳо кӣ бошанд? Чаро намераванд? Мусофир бошанд?» дар худ фикр кард ва берун рафт.

Духтараке дар канори зан, сарашро рӯйи зонуи ӯ ниҳода меистод.

– Салом хоҳар, – наздик рафт Салоҳиддин.

Онҳо сар боло карданд. Зан алейк гирифт. Садояшро шамол бо худ бурд.

– Нисфи шаб дар кӯча. Мусофир ҳастед?

– Роҳгумзадаем, – садояш дард дошт.

– Дар ин борон тар мешавед. Биёед, хона дароед.

– Раҳмат амак. Ҳамин ҷо нағз аст.

– Ғами худатонро нахӯред ҳам, ба духтарак раҳм кунед, – гуфт Салоҳиддин. – Дар ин борон духтарча касал мешавад. Ҳавлӣ калон, хона бисёр.

– Очаҷон равем, – рӯй ба модараш оварда духтарак, ки чор-панҷсола менамуд. – Ман дар кӯча метарсам.

– Биёед. Якравӣ накунед, хоҳар. Духтаратонро фикр кунед...

Хушнуда сар ба кати Шукрона монда, аз нуқтае чашм намеканд. Даҳонаш талх буд. Намедонист, ки оқибати гиря буд ё гушнагӣ. Охир чанд рӯз боз хӯроки гарм нахӯрда буд. Чашм аз ҷисми лоғару рангпаридаи ҷигарбандаш намеканд. Фикр мекард. На ояндаи дурро, ҳамин рӯзро, ҳамин соатҳои наздикро. Вай як умед дошт ва дигар хаёле дар сараш набуд. Аз офарандаи замину осмон илтиҷо мекард, ки ба ҷони кӯдакаш раҳм кунад. Коронавирус набошад ва тезтар ба по хезад.

Аз дар Дилрабо даромад.

– Аҳволаш чӣ хел? – пурсид.

– Хоб, – гиряолуд гуфт Хушнуда.

– Аз таъсири дору. Ҳа, нагуфта мехезад, – гуфт парастор ва дамосанчро ба даст гирифт. – Ҳозир ҳарорташро мебинем.

– Хоҳарҷон, телефон доред? – пурсид Хушнуда.

– Ҳа.

– Телефон кунам мешавад?

– Хай, – гуфт Дилрабо ва телефони дастияшро дароз кард.

Хушнуда ба шавҳараш телефон кард ва пеши дар рафт.

– Ало. Ассалом.

– Салом, - аз ҷониби дигари гӯшӣ садо баланд шуд.

– Мардак шумо дар куҷо?

– Дар Каттақӯрғон. Шукрона чӣ хел? – саросема пурсид Салоҳиддин.

– Шукрона хоб.

– Духтур ҷеғ задӣ?

– Ба шифохонаи шаҳр овардам. Шумо кай ба шаҳр мерасед?

– Намедонам. Кор хӯрҷин. Чӣ хел рафтанро ҳам намедонам.

– Чаро? Чӣ шуд?

– Пуламро дуздиданд.

– Чӣ? Чӣ мегӯед? Пул...

– Пуламро дар мошин дуздиданд. Дар дастам як тин пул нест. Намедонам чӣ хел шаҳр равам.

– Шифохонаро чӣ мекунем?

– Намедонам. Равам маслиҳат мекунем. Духтурон чӣ мегӯянд?

– Маълум не, – гуфт Хушнуда.

– Хай, аз Шукрона бохабар шав. Ман як илоҷ мекунам, – гуфт Салоҳиддин ва телефонро хомӯш кард.

Хушнуда саргаранг шуд ва омада, дар лаби кат амонатӣ

нишаст.

– Ҳарорaташ муътадил, – гуфт ҳамшира.

– Хай, – парешон сар ҷунбонд Хушнуда ва телефонро дод.

Хушнуда сару нӯги калобаашро гум кард. Пули шифохонаро чӣ хел аз куҷо пардохтанро фикр мекард. «Агар бемории Шукрона вазнин бошад, доруҳои қимат лозим. Онҳоро аз кадом ҳисоб мегирем? Ба шифокор ваъда додам, ки пагоҳӣ доруҳои зарурирo мебиёрем. Шавҳарам пул гум шуд мегӯяд. Яъне ду панҷа дар бинӣ меояд», дили Хушнударо ваҳм зер кард...

Чашми рӯз равшан шуда, дар кӯчаҳо як-як одамон зиёд мешуданд. Ҳама дар рӯй ниқоб доштанд. Гарчанд аз ҳар тараф чаҳ-чаҳи булбулон ба гӯш мерасид, он бе қаҳ-қаҳаи мардум файзе надошт. Одамон бо ҳам кам гуфтугӯ мекарданд, аз ҳам дур мегаштанд. Ҳама аз сирояти коронавирус метарсиданд. Ронандагон роҳкироро дучанд карда буданд. Боз бешармона мегуфтанд, ки то даромадгоҳи шаҳр мебаранд. Ба даруни шаҳр иҷозат нест. Салоҳиддин маблағи телефонашро дид ва дубора ба ҳамон рақаме, ки пеши шаб телефон карда буд, занг зад.

– Ало...

Салоҳиддин овозро шинохт.

– Салом, писарам.

– Ассалом. Шумо нағз-мӣ?

– Ба ман телефон кун. Маблағи телефон каммар...

– Хай, – гуфт ҷавон ва телефонро хомӯш карду баъди андак занг зад.

– Ҳа, дада. Чӣ гап? Нағз ҳастед?

– Туро аз саҳар безобита кардам...

– Не. Дар мо пешин. Чӣ гап? Тинҷӣ?

– Бо як илтимос телефон карда будам.

– Худам ҳам ҳайрон шудам, – норозиёна гуфт ҷавон. – Чӣ хел ман ба ёди дадем омадам гуфта.

– …

– Чӣ гап?

– Хоҳарат бемор аст.

– Чӣ хел хоҳар? Ман хоҳар надорам…

– Аҳволаш вазнин. Ҳозир дар беморхона. Барои ҳамин…

– Дар ман пул нест. Пулам дар дасти холем.

– …

– Писар дошганатон акнун ба ёдатон расид? Баъди вафоти модарам зани ба ман баробарро овардед. Шарматон ҳам наомад. Боз ҳамроҳи духтараш.

– …

– Ду сол боз дар мусофириям. Ягон телефон кардед?

– Рақаматро ба наздикӣ гирифтам.

– Пул даркор шуду гирифтам гӯед.

– Қарз мепурсам. Албатта бармегардонам.

– Пулам дар холем. Дар ман пул нест.

– Ба холаат…

– Ба холем гӯям, «ақлатро хӯрдай. Ба падари занбозат пул нест» мегӯянд. Духтаратон, – таънаомез гуфт ҷавон, – бемор бошад, Худо давоша диҳад. Лекин давоша додагеш мушкил. Шумо ду занро гӯрондед. Дар сеюмаш занатонро нею духтарашро ҷавонмарг.., – давоми суханашро фурӯ бурд.

Мард ором гӯш мекард. Ангор ба чунин таънаю маломатҳо одат карда буд. Аслан писараш ҳам ба маъное ҳақ буд.

– Ман дар кор будам. Пула аз холем гиред, – гуфт ҷавон ва телефонро хомӯш кард…

Беҳзоди Мурод беморонро аз санҷиши тиббӣ гузаронда, ба хонаи корӣ баргашт. Пеши Шукрона нарафт. Ният

дошт вақти бозгашт дарояд. Каммар нишаста, дар бораи Хушнуда фикр кард ва ба саволҳои худ ҷавоб ҷӯё шуд. Нафаси жарфе кашида, аз ҷой хесту либосҳояшро иваз кард ва ба палатаи Шукрона роҳ пеш гирифт. Палатаро холӣ дида, парешон шуд. Бошитоб қафо баргашта, парастори масъул Дилраборо пурсид. Хонааш рафт, гуфтанд. Саросема ба қабулхона даромада, ҳамаи маълумоти Шукронаро гирифт ва ба утоқи худ баргашт.

Беҳзоди Мурод коғазҳоро як-як аз назар мегузаронд ва варақеро гирифта, бодиққат чашм давонд.

– Ҳавасова Шукрона Нозимзода, – зери лаб хонд ва чашм аз коғаз канда, бо тааҷҷуб:

– Шукрона духтари Нозимака? Ман хато накардаам, – гуфт ва давоми маълумотномаро хонд:

– Соли таваллуд 2014... Манзили зист...

Беҳзоди Мурод коғазро то охир хонду маълумотнома дар даст ба берун баромад ва фурсате нагузашта баргашт. Рост пеши говсандуқи гӯшаи хонаи корӣ рафта, аз даруни он ручкаеро гирифту дар бағалкиса андохт ва ба берун шитофт...

Салоҳиддин аз ду-се нафар ронанда илтимос кард, ки телефонашро харанд.

– Ин телефон аз «муд» мондагӣ. Кӣ онро мехарад? Ҷойи ин телефонҳо партовгоҳ, – писханд зад яке аз онҳо.

Ноилоҷ бозор рафт. Новобаста аз карантин бозори деҳқонӣ аз одам лаб мезад. Ҳама халта-халта маҳсулот мехариданд. Гӯё, гушнагӣ омадааст. «Шикампарастон. Ҳеч касро бо дигаре кор нест. Шиками худам сер шавад мегӯянд» аз дил гузаронд Салоҳиддин ва ба мағозаҳо як-як сар халонд. Мешитофт. Мехост ҳарчи зудтар харидор ёфта, телефонро фурӯшад ва Самарқанд равад. Аз ҳоли духтараш хавотир мекард.

Гарчанд Шукрона духтари Салоҳиддин набуд, ӯро фарзандвор дӯст медошт. Меҳрубонӣ мекард, ғамхорӣ менамуд. Шукрона Салоҳиддинро амак мегуфт ва падарвор эҳтиром мекард.

Онҳо беш аз як сол якҷоя зиндагӣ мекарданд. Мард он рӯзҳоеро, ки баъди ба хона роҳ додани Хушнуда ба сараш омад, то ҳол фаромӯш накарда буд. Аввал дар маҳалла байту ғазал шуд, ки Салоҳиддин зану духтар доштааст. Баъд гуфтанд, зани дуюми худро азоб дода, ба худкушӣ маҷбур кардааст. Боз ба гап дигар хел ҷома пӯшонида, хонаву ҷойро ба номи зани сеюмаш гузарондааст, гуфтанд. Ин мишмишро хоҳарони зани якуми Салоҳиддин фаҳмида, чанд маротиба Хушнударо зери мушт гирифтанд. Таънаю маломат намуданд, ки «дар Салоҳиддин меросхӯр ҳаст. Писар дорад. Ин хонаву дар мулки писари ягонаи ӯст».

Салоҳиддин ҳам аз гапу гаштаки мардум қимоб шуда буд. Лекин барои аз хона берун кардани Хушнуда ва Шукрона ҷуръат намекард. Ба духтарча дилаш месӯхт. Ғайр аз ин, онҳо ба ҳаёти ӯ аз нав фурӯғу шодӣ оварда буданд. Ниҳоят, Хушнударо ба никоҳи худ гирифту гапи мардум каттар шуд...

Салоҳиддин бозорро давр зада, аранг харидор ёфт ва телефонро бо нисфи нарх фурӯхт...

Беҳзоди Мурод аз рӯйи маълумотнома манзили истиқоматии Хушнударо ёфт. Чунин амал накунад ҳам, номардӣ мешуд. Чунки Хушнудаву Шукрона барои ӯ на инсонҳои бегона, балки шахсони бениҳоят азиз буданд.

Дари хона нимабоз меистод. Занги дарро ҷуста наёфт. Бо даст кӯфтани буд, аммо дарро ба рӯяш қуфл кардани Хушнударо фикр карда, аз ин нияташ баргашт. Дарро оҳиста кушоду дарун даромад. Аз хона бӯйи зах ба димоғ мезад. Айвон гилем надошт. Танҳо дар пеши дар латта-

пораи сафеде ва дар болои он ду пойпӯши занона меистод. Гулкоғазҳои девор кӯҳнаву рангпарида ва қисми поёни девор аз зах канда шуда буд. Дар болои дари хона соати вайрон овезон меистод. Дили Беҳзоди Мурод гирифт. Дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Ӯ дар чунин шароит зиндагӣ кардани ин хонаводаро тасаввур намекард. Охир Нозим ва Хушнудае, ки барои ӯ азизу гиромиянд, умуман олами дигар доштанд. Одами дигар буданд. Чӣ ҳодиса рух дод? Кӣ онҳоро ба ин аҳвол гирифтор кард?

– Ин ҳама сазоям аст. Мазаи атолаи бемазаи худро мечашам, – аз дарун овози Хушнуда ба гӯш расид. Вай гирякунон аз бебарории рӯзгор ва ноомади кор шикоят мекард. Аз Худо ба дарди духтараш шифо мепурсид.

Беҳзоди Мурод он чизеро, ки гулӯгир мекард, фурӯ бурда, ашки чашмонашро бо дастрӯмол тоза кард ва оҳиста овоз баровард:

– Апа... Апаи Хушнуда.

Хушнуда саросема пеши дар омад ва дар айвон шифокорро дид:

– Шумо? Ба пули шифохона омадед? – гиряолуд пурсид. – Шавҳарам ояд, пулро месупорем. Ҳозир пул надорем, – рӯяшро бо даст пинҳон карда, кӯдаквор гиря кард. Гӯё кӯдак буду аз ӯ шоколоди дасташро рабуда буданд...

Рӯз пешин мешуд, Салоҳиддин ба истгоҳ баргашт. Дар мошини сабукраве нишаст. Ӯ аввалин мусофир буд. Ронанда боз се одами дигар гирад, баъд ба роҳ медаромад.

– Шукрона, исто? – аз кӯча овози зане баланд шуд. Салоҳиддин, ки саргарми хаёл буд, ба тарафи овоз нигоҳ кард. Зане аз дунболи духтарчааш медавид. Пеши чашми мард Шукрона намоён шуд ва дили мардро ба дард овард. Охир се моҳ боз надида буд. Дар ин байн хоҳари зани якумаш омада, онҳоро аз ҳавлӣ берун карду дару дарвозаҳоро

қуфл зад. Модару духтар ноилоҷ аз хонаҳои бисёрошёна ба иҷора хона гирифтанд. Қариб ду моҳ боз дар иҷора зиндагӣ мекарданд. Салоҳиддин оҳ кашид ва беихтиёр аз чашмаш ашк баромад.

Мард гиря кард... Мегӯянд, гиря ба мард намезебад. Аммо ин зиндагист. Гоҳо чунон масрур месозад, ки аз чашм ашки шодӣ мебарояд, аммо бештар бо ғам мегирёнад. Ҳарчанд мағрур аст, иродаи мустаҳкам дорад, дили сангин насиб кардааст, боз гиря мекунад.

Салоҳиддин азоби Шукронаро пеши рӯ оварда, гиря кард.

Дар азобҳои ӯ худро гунаҳкор ҳисобида гиря кард.

Аз пайваста ба наздиконаш ғам додани худ гиря кард.

Аз дард, алам, кӯтоҳдастӣ, ночорӣ ва номуродӣ гиря кард...

––––––––––––––––––––––––––––––––

Дар кунҷи хона як гилеми хурд ва дар як гӯшаи он чанд кӯрпачаро рахт зада буданд. Қисми боқимондаи хона урён. Шукронаи беҳолу бемадор ба шифокор ҳайрон-ҳайрон менигарист. Чашмонаш фурӯ рафта, лабонаш парсин баста буданд. Нигоҳҳояш дард доштанд ва жарф-жарф нафас мекашид.

Беҳзоди Мурод дар паҳлуи ӯ нишаста буд.

– Манзили хонаро аз кучо ёфтед? – пурсид Хушнуда.

– Аз маълумотнома, – гуфт Беҳзоди Мурод ва пас аз сукути кӯтоҳ илова кард:

– Чаро аз шифохона гурехтед?

– ...

– Аз Шукрона тест гирифтан даркор.
– Мо барои тест пул надорем...
– Тест бепул аст. Кӣ аз шумо пул пурсид?
– Очаҷон, об, – гуфт Шукрона.
Хушнуда рафта дар даст об баргашт.
– Об ҷӯшидагӣ аст? – пурсид Беҳзоди Мурод.
– Не. Оби хунук.
– Оби хунук мумкин не...
– Барқ нест, – обро ба Шукрона нӯшонд. – Се рӯз пеш кормандони Бюрои иҷрои ҳатмӣ омада, қарз доред гуфтанду барқро ҳам, газро ҳам хомӯш карда рафтанд.
Беҳзоди Мурод хиҷил гашт ва бо оҳанги илтимос гуфт:
– Либосҳои Шукронаро пӯшонед. Шифохона меравем...

Нисфирӯзӣ мошин пур шуд. Мусофири охирин аз ронанда бисёр хоҳиш кард, ки роҳкироро арзонтар кунад. Ронанда не гуфта, ҳазор ваҷҳу баҳонаро пеш овард. Мусофир ноилоҷ розӣ шуд ва мошин ба роҳ баромад.
«Нархи роҳкиро чаро боло рафта бошад? Роҳ ҳамон роҳ, нархи сӯзишворӣ ҳамон нарх. Чун ҳамешагӣ чор одам мегиранд. Агар ҳозир чаро қимат гӯем, баҳона тайёр: карантин. Аҷаб баднафсанд ин одамон. Аз мурда кафан умед мекунанд» дар худ фикр кард Салоҳиддин ва дида ба берун дӯхт...

Беҳзоди Мурод ҳамроҳи Хушнуда ва Шукрона ба шифохона баргашт ва ба назди сардухтур даромада вазъиятро фаҳмонд. Бо супориши таъҷилии сардухтур шифокорон аз пайи муолиҷаи Шукрона шуданд.
Хушнуда парешонҳол дар қабулхона менишаст. Ота-

ши тарс то рафт аланга мегирифт. Баробари Беҳзоди Муродро дар толор дидан, ҷониби ӯ шитофт.

– Аз Шукрона хавотир накунед. Мутахассисони ботаҷриба ӯро муоина мекунанд. Аҳволи худатон чӣ хел?

– Ман нағз.

– Чӣ хел нағз? Медонам, аз шаб инҷониб ягон чиз нахӯрдаед. Рафтем, ҳамроҳ ба ошхона меравем.

– Раҳмат, шикамам сер, – бесаранҷом шуд Хушнуда.

– Шиками ман гушна. Хонаи шуморо меёбам гуфта, пешин ҳам ягон чиз нахӯрдам. Барои ҳамин бо ман ҳамроҳ меравед.

– Не, ҳамин ҷо буданам беҳтар аст.

– Суханамро дар замин нагузоред, – гуфт Беҳзоди Мурод. – Илтимос...

Мақсади ӯ аслан дигар буд. Мехост бо Хушнуда суҳбат карда, аз гузаштаву имрӯзи рӯзгораш пурсад. Охир, вақте ки Нозиму Хушнударо дид ва бо онҳо шинос шуд, дар бар либосҳои хушзеб доштанд ва аз зиндагӣ масруру аз ишқ сармаст буданд. Чӣ воқеа шуд, ки онҳо ба чунин ҳол гирифтор шуданд? Нозим дар куҷост? Ҳоло чӣ кор мекунад? Наход то ҳол як фарзанд доранд?

Беҳзоди Мурод ният дошт ба ин саволҳои бечавоб посух гирад. Ва ба Хушнуда гӯяд, ки вай ҳамон бачаи бепадарест, ки аз ҳаёту зиндагӣ дилгир буд ва онҳо дар дили торики ӯ шамъи умед фурӯзон карданд. Ҳамон бачаи дурӯғгӯест, ки суҳбати якмаротибаинаи онҳо шиори зиндагияш гардид ва роҳи ҳаёташро куллан тағйир дод. Ҳамон хонандаи мактаб-интернат аст, ки онҳо дар ҷисми хурди вай тухми боварӣ ба ояндаи дурахшонро киштанд. Ҳамон кӯдаки кӯтоҳдастест, ки ба дидори модар зор буд. Ҳамон «шермардест», ки аз онҳо як умр қарздор аст...

– Ин ҳама дарду нокомиҳоро, ки аз сар гузарондам, ба душманам раво намебинам, – финҷони қаҳваро ба даст гирифт Хушнуда. Садояш ва дастонаш кам-кам меларзи-

данд. Чашм аз нуқтаи ноаёне наканда нақли худро давом дод:

– Ба ҳамааш худам айбдорам. Ғурур, саркашӣ, якравӣ, сабукандешӣ ва гапнодароиям балоҳоро ба сарам овард. Шояд шӯри ҷавонӣ буд, шояд нозпарварди хона буданам ва шояд муҳаббат, дар осмони ҳафтум парвоз менамудам ва ҳар коре дилам мехост мекардам. Ба гапи касе гӯш намеандохтам. Ҳатто ба сухану маслиҳатҳои модарҷонам, ки маро танҳо, бепадар калон карда буд. Ҷавонеро дӯст медоштам. Сахт дӯст медоштам. Бениҳоят сахт. Вай ҳам маро дӯст медошт. Бахтиёр будем.

Беҳзоди Мурод фаҳмид, ки гап дар борои Нозим меравад.

– Ба эътирозу норизогии пайвандон нигоҳ накарда, оила бунёд кардем. Гуфтанд, ки бо муҳаббат шикам сер намешавад. Гуфтанд, ҳеч як эҳсосот абадӣ нест, ҳамааш даргузар аст. Гуфтанд, ки дил гарчанд якто ст, ду хона дорад. Ҷое як муҳаббат ғунҷидааст, ба муҳаббати дувум ҳам ҷой ёфт мешавад. Бовар накардем. Ба ин ҳама сухан парво надоштем. Он ҳама гуфтор барои мо ҳарзае беш набуд. Пас аз тӯй ҳафт сол гузашт. Аммо фарзанддор нашудем. Шабу саҳар аз Худо фарзанд мепурсидам. Доғи бефарзандӣ маро ҷавонпир ва шавҳарамро майзада кард. Ҳар рӯз менӯшид. Ҳар рӯз маст меомад. Ба рӯзгор умуман эътибор намедод. Болоро бод бараду поёнро сел, ба вай аҳамият надошт. Ҳар рӯзам зери санги таънаю маломати падаршӯву хушдоманам мегузашт. Ҳар боре танг шавам, пеши модарам рафта, диламро холӣ мекардам. Ягона ҷойи работам хонаи модарам буд. Дар ин байн модарам вафот карданду он дару даргоҳ ҳам бароям бегона шуд, – дона-дона ашк рехт Хушнуда.

– Соли ҳаштум Худо ба коми дил расонд. Орзуямро иҷобат кард. Аз ин хушхабар ҳар ду дар замину осмон намеғунҷидем. Ҳаётамон аз нав ранг гирифт, нишот пайдо кард. Гӯё хуршеди бахт баъди интизориҳои зиёд

аз қафои абри сиёҳ дубора тулӯъ намуд. Шавҳарам акнун тағйир ёфта буд. Наменӯшид. Ҳар рӯз бо туҳфа хона бармегашт. Аммо ин дер тӯл накашид... Нозим, шавҳарам дар садама вафот кард.

Беҳзоди Мурод дар худ ларзид ва финҷони қаҳваро рӯйи миз монд.

– Рӯзҳоям тира гашт. Он ҳама ғамҳое, ки аз сар гузаронда будам, пеши ғуссаҳое, ки баъди марги шавҳарам ба сар омад, чун қанд буданд. Бисёр ғам медоданд. Моҳе нагузашта хусуру хушдоманам тифли шашмоҳаи батнамро сархӯр, сари писарамонро хӯрд, аз нокаси кӯча бордор шудӣ гуфта, аз хона берун карданд. Бо ду дасти холӣ ба хонаи падарам баргаштам. Афсӯс, падару модар аз дунё гузаранд, бо худ файзу баракати хонаводаро ҳам мебурдаанд. Он дару даргоҳ маро чун бегонае қабул кард. Зани бародарам димоғсӯхта гардид. Дар сари ҳар қадам маро таъна мезад. Шунаво карда, «ин сарсахт ба хона бадбахтиҳо меорад» мегуфт. Ба гӯш сахт расад ҳам, дидаро ба нодида, шунидаро ба ношунида гирифта, дам фурӯ мебастам. Нишонаи ягонаи шавҳарамро, меваи муҳаббати ҷавониямро эҳтиёт мекардам. Агар шаккокӣ ҳам буд, бисёр мехостам, ки писар таваллуд кунам. То пойкӯби падар гардад. Ба ман такягоҳ шавад. Лекин духтардор шудам ва ба ҳамин неъмати дердодаи Худованд шукр карда, Шукрона ном ниҳодам. Баъди таваллуди кӯдак таънаву маломати янгаам дучанд зиёд шуд. Дар пеши бародарам киноя мезад, нони хӯрдаамонро миннат мекард. Аз ҳама нангин ва аламовараш, бародарам баръакси чашмдошт ин ҳамаро ором гӯш мекард. Ҳатто як даҳан «ҷим шин» намегуфт. Ниҳоят, косаи сабрам лабрез шуд, – нафаси жарф кашид Хушнуда ва оби чашмашро бо остин пок кард. – Ё дор мекафад, ё манор гуфта, хонаи падарамро тарк кардам. Хостам аз ҳамааш дуртар бошам. Аз хешовандонам, аз пайвандони шавҳарам ва аз ҳама муҳим, аз хотираҳоям. Аз Ҷиззах ба

Самарқанд омадам.

Вақтро ба чашм дида, бо дил эҳсос карда ва бо даст дошта намешавад. Аммо ҳукми онро бо як назар дар рухсори одам дидаву дониставу эҳсос кардан мумкин. Дар ҳаёт чизе нест, ки вақт ба он таъсиргузор набошад. Вақт теги бурранда аст ва он баробари маро ҷавонпир кардан, дардҳои кӯҳнаамро даво шуд. Дар Самарқанд ҳаётамро як навъ ба роҳ мондам. Ба иҷора хона гирифтам. Дар мактаб кор ёфтаму чанд сол чун китобдор кор кардам...

Лекин боғи бесоҳибро поймол кардан осон будааст. Ҳар касу нокас ба он санг мепартофтааст. Бевазан ҳам чун боғи бесоҳиб аст. Аз ин рӯ, доим санги маломат ба сарам мезаданд. Дар хона ҳамсояҳо ғайбат кунанд, дар ҷойи кор ҳамкорон. Ман аз онҳо худро чӣ қадар дур гирифта, кордор набошам, онҳо ҳамон қадар наздиктар шуда, аз паям туҳмат мебофтанд. Дар давоми беш аз чор сол чанд маротиба хона иваз кардам. Гоҳ танҳо зиндагӣ мекардам, гоҳ ҳамроҳи донишҷӯён, гоҳо бо оилаи дигар. Мушкилиҳо меомаданд ва сари танҳо онҳоро ҳал менамудам, бо умеди ояндаи нек сабр мекардам. Корам хуб буд. Мудири таълимгоҳ дигар шуду бо сад ваҷҳу баҳона маро аз кор сабукдӯш кард. Дертар фаҳмидам, ки ба ҷойи ман хешованди худро овардааст. Чанд моҳ кор ҷустам. Кор намеёфтам ва аз ҳамин сабаб, иҷорапулиро дода натавонистам. Рӯзе бегоҳ омада, чизу чораамро берун аз дар дидам. Соҳибхона дигар иҷоранишин ёфтам гуфт. Ҳуҷҷатҳоямро гирифта, таъкид кард, ки то иҷорапулиро надиҳам, барнамегардонад. Бо илтимос як шаб истодем ва субҳи дигар ҳамроҳи Шукрона кӯча ба кӯча гашта хона кофтем. Охири фасли

тирамоҳ буд. Азбаски зимистон меомад, аз хонаҳои бисёрошёна кошона ёфтан душвор буд. Аз ин рӯ, бо мақсади квартираи арзон ёфтан маҳаллаҳои ноҳияи Самарқандро давр задем. Ҳама хонаҳои дуошёна, сеошёнаи сангин сохта буданду дилҳояшон аз санги девор ҳам сангинтар шуда буд. Сарду дурушт ҷавоб медоданд. Рӯз шаб шуд. Хона наёфтем. Сару бари худро гум карда будам. Ниҳоят, дар пешайвони маҳаллае ҳамроҳи Шукрона ҷойгир шудем. Борон сар кард. «Беша бе шер нест, дарё бе моҳӣ», гуфтаанд. Ҳамин вақт Салоҳиддинака, шавҳари дуюмам омада, моро аз хонааш ҷой дод. То имрӯз бисёр ташвишҳоро аз сар гузарондам. Ба маъное, кал ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад, – рӯ ба Беҳзоди Мурод овард Хушнуда ва маҳзун табассум кард:

– Намедонам, ин ҳамаро чаро ба шумо мегӯям? Гиреҳи диламро кушода, рӯҳам сабук шуд. Агар сари шуморо ба дард оварда бошам, бубахшед, – гуфт ва аз ҷой хеста берун рафт.

Беҳзоди Мурод дар андеша афтода буд ва зери лаб:

– Аҷаб тақдир, – гуфту аз қафо шитофт.

Дар пеши қабулхона марди қоматбаланди солхӯрдае меистод. Хушнуда ӯро дида тезтар роҳ гашт. Беҳзоди Мурод мардро аз хешовандони Шукрона пиндошт.

– Ин шифокори Шукрона – Беҳзоди Мурод, – шинос кард Хушнуда ва илова намуд: – Ин кас Салоҳиддин.

– Кӣ? – нағз нашунид Беҳзоди Мурод.

– Салоҳиддин. Шавҳарам...

Беҳзоди Мурод дар худ як такон хӯрда, бо ҳайрат як ба марди ва як ба Хушнуда нигоҳ кард. Ҳамин вақт парастаре омада:

– Беҳзоди Мурод, шуморо саршифокор ҷеғ мезананд, – гуфт.

Хушнуда парешон ба ӯ нигоҳ кард.

– Шояд натиҷаи тест маълум шуда бошад. Зуд бармегардам, – гуфт Беҳзоди Мурод ва бошитоб рафт.

Вақте ки аз пеши саршифокор баргашт, Хушнуда пешорӯяш давид:

– Чӣ гап? Чӣ шуд? – саросема пурсид.

– Ҳеч ҷои хавотир не. Натиҷаи тест манфӣ. Шукрона ба беморию варами роҳҳои нафаскашӣ гирифтор шудааст. Табобат кунем, зуд сиҳат мешавад.

– Худоро шукр, – дар чеҳраи Хушнуда табассум гул кард. Беҳзоди Мурод ҳамон хандаи беғубореро, ки чордаҳ сол пеш дида буд, такрор дид ва беихтиёр:

– Акнун ба худатон монанд шудед, – гуфт.

Хушнуда шарм дошта, сар хам кард. Беҳзоди Мурод ҳам сурх гашта, даст ба бағалкиса бурд ва ручкаеро гирифта ба Хушнуда дароз кард:

– Ин ба шумо, – худнависро дода рафт.

Аввали моҳи сентябри соли 2006. Аз истгоҳи ноҳияи Ғаллаороли вилояти Ҷиззах ба поезд як зани миёнсол дар оғӯшаш кӯдак, як писарчаи лоғари дарози чордаҳ-понздаҳсола ва ду духтараки нозукчеҳраи пахмоқмӯ, ки дар синну сол қариб аз ҳам фарқ намекарданд, савор шуданд. Дар қатор ҷойи нишаст набуд. Ҷавоне хеста ба зани кӯдакдор ҷой дод. Ду мусофире, ки дар рӯ ба рӯйи зан менишастанд, духтараконро пеши худ гирифтанд. Писарак дар китф сумка, дар паҳлуи зан рост меистод. Дуртар аз онҳо як ҷавон бо духтаре менишаст. Духтар дар тан либосҳои наварӯсӣ дошт. Зоҳиран, зану шавҳар буданд: навхонадорон. Писарак ба онҳо дуздона нигоҳ мекард. Ҳар ду хушҳол буданд ва бо овози паст суҳбат мекарданд. Арӯс хандаи зебо дошт: беғубор, самимӣ ва дилкаш. Ногоҳ нигоҳҳои ҷавонмарду писарак ба ҳам бархӯрданд. Писарак зуд чашмашро гирифта гурехт.

– Дӯст, – ҷониби писарак нигоҳ карда гуфт ҷавон. – Биё, дар пеши мо нишаста меравӣ.

– Раҳмат, – ҳичолат кашид писарак.

– Биё, ҳамроҳ мешинем, шарм накун, – дубора такрор кард.

Зани кӯдакдор, магар модари писарак буд, аввал ба ду навҷавон нигоҳ кард, баъд ба писараш рӯ овард:

– Гузар, шин. Дар мобайн рост наист.

Писарак итоаткорона сар ҷунбонд ва пеши ду навҷавон омада нишаст. Ҷавонмард сумкаи писаракро гирифта, дар канор гузошт ва ӯро аз паҳлуи худ ҷой дод.

– Куҷо меравӣ? – пурсид ҷавон.

– Самарқанд. Хонаи бобом, – пас аз сукути кӯтоҳ ҷавоб дод писарак.

– Чандум синф мехонӣ? – пурсид наварӯс.

– Аз ҳафт ба ҳашт гузаштам.

– Вай зан модарат ҳастанд?

– Ҳа.

– Номашон чӣ?

– Садоқат.

– Номи падарат чӣ?

– Мурод.

– Падарат чӣ кор мекунанд?

– Дар завод.

Онҳо бо навбат савол медоданд. Писарак бо сари хам кӯтоҳ ҷавоб мегардонд. Пас аз ҳар як ҷавоб чеҳраи писарак ранг дигар мекард. Нороҳат мешуд. Сари худро намебардошт. Ӯ дурӯғ мегуфту аз ошкор шудани лофи худ меҳаросид. Ногоҳ аз ҷо хеста:

– Ҳозир меоям, – гуфта пеши модараш рафт. Аммо барнагашт.

Аз як нигоҳ пай бурдан душвор набуд, ки онҳо хушбахтанд. Арӯс чеҳраи пурнур дошт. Ҳама ба онҳо бо чашми ҳавас менигаристанд. Яке айёми ҷавонии худро ба хотир орад, дигаре орзу мекард, ки чун онҳо бошад, ҷуфти муносиб ёфта ҳаёти хуррам гузаронад. Навхонадорон ба ҳам чун ангуштариву нигин мувофиқ буданд. Ҳама саргарми

кору суҳбат менишастанд, чиптафурӯш вориди вагон шуд ва бо овози гӯшхарош:

– Ҳеч кас дар мобайн рост наистад, – гуфт. – Ҳама ҷой-ҷойи худро ёфта шинад.

Зани кӯдакдор ба писарак ишора кард, ки рафта шинад. Писарак дубора ба пеши навҷавонон омад. Онҳо боз писаракро ба савол гирифтанд. Дар бораи таҳсил, мактаб, баҳо, фанни дӯстдошта, орзуҳояш пурсиданд.

– Мо бо ҳам дӯст шудем, – гуфт ҷавонмард.

– Ҳа, – хурсандона гуфт писарак ва аз ҷавоби худ каттар сурх шуда бо оҳанги савол:

– Дӯстон ба ҳам дурӯғ мегӯянд? – гуфт.

– Не, – ҷавоб дод ҷавонмард. – Пойдевори дӯстӣ эътимод, боварист. Дар он ба дурӯғ ҷой нест. Агар дар миёни ду дӯст дурӯғе бошад, онҳо дӯст нестанд.

– Ман ба шумо дурӯғ гуфтам, – сар хам кард писарак.

– Чӣ? – дилдодагон ба ҳам бо тааҷҷуб нигоҳ карданд. – Чӣ хел дурӯғ?

– Падарам дар завод кор намекунад, – овози писарак меларзид.

– Дар куҷо кор мекунанд?

– Ба Русия рафтаанд. Дар он ҷо дигар зан доранд, – бо шеваи бачагона оҳиста нақл кард писарак. – Мо ҳамроҳи модарам зиндагӣ мекунем. Модарам фаррош аст. Барои таълим ва хӯроку либосворию мо моҳонааш намерасад. Барои ҳамин ману хоҳари калонамро ба мактаб-интернат монданд. Дар он ҷо барои мо ҷойи хоб ва хӯрокворӣ бепул аст. Аз пагоҳ мактаб сар мешавад. Мо ба дарс меравем. Баъди ҳар як чоряк, дар таътил ба хона бармегардем. Зиндагии мо бениҳоят душвор аст. Камбағалем...

Навхонадорон писаракро бодиққат гӯш мекарданд. Дар чашми ҷавон ашк ҳалқа зад. Арӯс бошад, гиря мекард. Ҷавонмард писаракро ба оғӯш кашида:

– Шермард! Танҳо шермардҳо аз гуфтани ҳақиқат наметарсанд. Ғайр аз ин, ту камбағал нестӣ. Чунин мода-

ри ғамхору дилсӯз, хоҳару додарони ширин ва тани сиҳат дорӣ. Ин ҳама давлати туст, – гуфт ва аз ҷайб ручкаеро бароварду ба писарак дод:

– Ин аз мо ба ту туҳфа. Медонӣ, дӯстам, зиндагӣ дар он сатҳе, ки мо фикр мекунем, мураккаб нест. Гоҳ худамон онро аз ҳад беш мураккаб месозем. Ту ҳоло ҷавонӣ. Яъне чӣ? Ояндаат дар пеш аст.

Дар ҷавонӣ набояд ноумед шуд. Мақсадҳои бузургро дар пеш гузор ва аз пайи иҷобати онҳо ҳаракат кун. Азми ҷазм дошта бош. Худро ҳеч гоҳ дар нима ё қуллаи кӯҳ надон. Фикр кун, ки ту дар поёни кӯҳ қарор дорӣ ва пайваста ба боло ҳаракат намо. Вақте ки ман қулларо фатҳ кардам гуфтӣ, ҳамон рӯз ту маглуб шудӣ. Фаромӯш накун, дӯстам: калиди ҳар даре, ки дар шоҳроҳи умр аз пешорӯят мебарояд, дар дасти худат аст. Фарқ надорад, ки он дари бахт, орзу, омад, дӯстӣ, муҳаббат, сарват аст ё дари комёбиҳои дигар. Он калидҳоро одам танҳо бо як роҳ, бо донишандӯзӣ, илм омӯхтан ба даст меорад.

Дар куҷо хондан, дар чӣ гуна синфхона таҳсил гирифтан, писари кӣ будан, дар тан чӣ хел либос доштан, чӣ хӯрдан, китоби куҳна ё нав доштан муҳим нест. Ин ҳама дувумдараҷа мебошанд. Муҳим он аст, ки ту чӣ хел мехонӣ ва ба хондан чӣ гуна муносибат дорӣ. Дӯстам, – китфони писаракро ба худ наздиктар кашид ҷавони ҳузарб, – ман ба ту бовар мекунам. Бовар мекунам, ки дар оянда қуллаҳои баландро фатҳ мекунӣ. Бовар мекунам, ҳамаи онҳое, ки туро бо ангушти ишорат нишон дода масхара кардаанд, айнан бо ҳамон ангушт намо дода эътироф мекунанд. Бо-

вар мекунам, ки ту инсони нағз мешавӣ ва модарат бо ту фахр мекунанд.

Дӯстам, вақте ки дигарон ба ту бовар мекунанд, пас ту бояд ба он боварӣ сазовор бошӣ, ҳатто як нафар бовар кунад ҳам. Ин хислати ҷавонмардон аст. Ман ба ту бовар мекунам ва медонам ту барои ба ин боварӣ сазовор будан ҳаракат мекунӣ.

Поезд дар истгоҳ қарор гирифт.

– Мо дар ҳамин ҷо мефароем, – писарак аз берун чашм наканда гуфт ва сумкаашро ба китф овехта пеши модараш рафт.

– Эй дӯст, – аз қафояш ҷеғ зад ҷавонмард. – Ҳамин қадар суҳбат карда, номатро напурсидам. Номат чӣ?

– Беҳзоди Мурод, – бурро ҷавоб дод писарак.

– Номи шумо чӣ? – хушҳол пурсид.

– Номи ман Нозим.

– Номи ман Хушнуда, – хандида гуфт наварӯс.

Соли 2021

ЧОЙПУЛӢ

Он рӯз ба сабаби шамоли Сибир ҳавои Самарқанд хеле сард буд, ба қавле туф кун-ях кун. Шамоли сард ба сару рӯй сӯзан мезад.

Мошини тамағаи “Lacetti ” аз тарафи деҳаи Мотурид ба чорроҳаи Даҳбед наздик шуд. Роҳ тирбанд буд. Мошинҳо чун сангпушт ба сустӣ ҳаракат мекарданд. Сабукравҳое, ки ба тирбандӣ даромадаанд, ба душворӣ қафо бармегаштанд.

– Дар ин ҷо чӣ гап бошад? - ба пеш гардан ёзонд ронанда ва сар аз оина бароварда аз роҳгузаре пурсид:

– Ука чӣ гап? Чӣ шудааст?

– Намедонам. Як нафар мурдааст-мӣ, бемор шудаааст-мӣ, чӣ? - ҷавоб дод роҳгузар. – Дар пеш мошини ёрии таъҷилӣ истодааст.

– Ба чорроҳа гузашта намешавад, - ба мусофирони мошин рӯй овард ронанда. – Ман аз ҳамин ҷо бармегардам.

Ҷавони қадбаланди хушлибос – Фотеҳ Неъматович, ки

дар паҳлӯи ронанда менишаст, роҳкироро дода, шикоятомез пурсид:

– Ин қадар роҳро чӣ хел пиёда меравем?

– Роҳ маҳкам. Набошад мебурдам.

Фотеҳ зери лаб ғурунгида, ба тарафи чорроҳаи Даҳбед шитофт. Шамоли сард ба сару рӯй бераҳмона ҳамла мекард. Дар як лаҳза гӯшу бинии ҷавонмард чун помидор сурх шуд. Аз байни мошину издиҳом гузашта, ба истгоҳ наздик шуд. Кормандони милитсия гирдогирди истгоҳро, ки мусофиркашҳои ноҳияи Пайариқ дар ҳамин ҷо меистоданд, иҳота карда буданд.

Мардуми навомада мепурсиданд, ки чӣ воқеа рӯй додааст. Яке "мошин задааст" гӯяд, дигаре "аз хунукӣ ях кардааст" мегуфт, боз яке "кӯфтаанд" гуфта тахмин мекард. Баъзеҳо бо телефон сурату филмбардорӣ мекарданд.

Фотеҳ ба одамон наздик шуда, дар истгоҳ чанд тан шифокорро дид, ки нафареро дар мошини ёрии таъҷилӣ бор мекарданд. Дар канортар борхалтаи сафед мехобид. Дар як гӯша рӯймоли сабзи якранг ба назар мерасид. Вақте ки чашми Фотеҳ ба рӯймоли сабз афтид, дар баданаш мурғак дамид. Дубора ба борхалта нигоҳ кард. Дар худ ларзид ва зуд қафо баргашт. Рухсораш ранг бохтаву нигоҳҳояш парешон буд. "Наход ҳамон ҷавонзан?" аз дил гузаронд ӯ...

Ҷавонзани рангпаридае, ки либоси обшуста дар бар дошт, ба бинои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ даромада, ба чор тараф кунҷковона нигоҳ кард. Зоҳиран, ба куҷо рафтанро намедонист. Дар даст борхалтаи сафед дошт. Дареро кушода дид ба ҳамон тараф шитофт.

– Салом, – гуфт ба духтараке, ки хонаро ба тартиб меовард.

– Ассалому алайкум, – сар аз кор бардошт духтар.

– Барои дубликати гувоҳномаи таваллуд ба куҷо...

– Қабати дуюм, хонаи ҳаштум, – сухани ҷавонзанро бурид духтар.

– Чӣ?

– Ба ошёнаи дувум баромада, – бо даст ишора кард, – ба хонаи ҳаштум дароед.

– Раҳмат, – гуфт ҷавонзан ва ба ошёнаи дуюм баромад.

Дар пушти дари утоқи ҳаштум се нафар меистоданд. Ҷавонзан навбат гирифта дар як канор истод. Либоси дарози фарсуда, пиҷамаи сиёҳи мардона, сарбандии сабзи якранг, калӯшҳои чангзеркардаи зан диққати ҳамаро ба худ мекашид. Вақт мегузашту навбатпоён бештар мешуданд. Яке мушкилашро зуд ҳал карда мебаромад, дигаре бештар мемонд. То навбати ҷавонзан ба ҷойи се нафар ҳафт нафар даромад. Ҳаштум нафар ҳоло дар пеши сарвар буд. Яке рост омада, ба навбатпоён нигоҳ накарда, рост дарояд, дигаре «як чизро мепурсаму зуд мебароям, вақти зиёдро намегирам» гуфта, баъди ним соат мебаромад. Баъзеҳоро котиба ном гирифта даъват мекард.

– Ту чӣ хел одам? – рӯй ба ҷавонзан оварда, шартакагӯйӣ кард зани рафидарӯйи газгӯшт. – Навбатат омаду ба ҷойи ту дигарон медароянд, як даҳон гап намезанӣ?!

– Чӣ гӯям? – дар рухсори заъфарони ҷавонзан хун давид.

– Чӣ гӯйӣ? – баланд дод зад зани рафидарӯй. – Навбатам гуфта даро. Яке тағояшро, дигаре аммаю амакашро, боз яке ҳамсояшро ба миён дароварда, бенавбат дароянд, мо то бегоҳ мешинем-мӣ? Навбатат расид, даро-дия.

– Хай, – ҷавонзан пушти дар рафта, оҳиста кӯфту ба дарун сар халонд.

– Намебинед, дар пешам одам ҳаст?! – аз ҷойи нишаст дод зад ҷавони қадбаланд ва бо қаҳр ба котиба рӯй овард.

– Бубахшед, Фотеҳ Неъматович, - гуфт котиба ва зуд аз ҷой хеста, ҷавонзанро ба берун тела дода гуфт:

– Ҳозир ин одам равад, шумо медароед.

– Навбати ман...

– Навбати шумо баъди ҳамин одам, – гуфта бо зарда

дарро пӯшид.

Ҷавонзан малулу озурда дар паҳлуи дар истод. Пай мебурд, ки тири нигоҳи ҳама ба ӯ равона шудааст ва ботинан вайро сарзаниш мекунанд. Ба девор такя карда сархам меистод, ки чашмаш ба калӯшҳояш афтод. Аз гарду хок сафед шуда, дар чанд ҷояш лой часпида буд. Бо гӯшаи чашм ба пойафзоли атрофиён нигоҳ кард. Ҳама лок задагӣ ва медурахшиданд. Соате гузашт, аммо касе намебаромад. Навбатпоён нороҳат шуданд. Дар толори ошёнаи дувум торафт одам пур мешуд. Ҷавонзан чун гурбае, ки ба муш камин мегирад, аз паҳлуи дар як қадам дур намерафт. Метарсид, ки ба ҷойи ӯ дигаре дарояд.

Ҷавони қоматбаланд ҳамроҳи марди чорпаҳлуе, ки бенавбат даромада буд, баромад. Якҷоя поён рафтанд ва ҷавон қариб баъд аз ним соат баргашт. Дар толор чунон роҳ мерафт, ки гӯё идорai тамоми корҳои ҷаҳонро дар ихтиёр дорад. Бовиқор қадам мемонд ва аз пеши одамон бепарвою беэътибор гузашта вориди дафтари корӣ шуд. Гӯё дар ниҳод «сазои шумо ҳамин аст, даркор бошад соатҳо интизор мешавед» мегуфт.

Чанд дақиқа гузашта котиба баромад:

– Навбати кӣ? – пурсид.

– Ман, – қариб даст боло кунад ҷавонзан ва зуд аз пайи котиба даромад.

Фотеҳ Неъматович ӯро бедимоғ пешвоз гирифт. Аз он самимияте, ки ҳангоми гусели марди чорпаҳлу дар сураташ аён буд, асаре ба назар намерасид. Дар курсӣ мағрур менишаст, чун дар тахти шоҳӣ.

– Чӣ хизмат? – пурсид бо оҳанги сахт.

– Барои нусхаи тақрории гувоҳномаи таваллуд омадам, – гуфт ҷавонзан.

– Дубликаташ? – ҷавонмард аз табақча шоколадеро гирифта ба даҳон андохт.

– Ҳа, дубликат.

– Аз куҷо шумо? – сар то пойи ҷавонзанро бо нигоҳ палмосид.

– Аз Пайариқ.

– Аз куҷои Пайариқ? – аз ҷавонзан чашм намеканд. Азбаски худи сардор ҳам пайариқӣ буд, мароқ зоҳир кард.

– Челак.

– Ин хел бошад, шумо ба загсхонаи Пайариқ равед.

– Рафтам. Онҳо ба шаҳр фиристонданд.

– Чаро? – бо тааҷҷуб пурсид, гӯё бори аввал ба чунин ҳол рӯ ба рӯ меояд.

– Аз шаҳр мегиред гуфтанд. Чунки модарам...

Фотеҳ Неъматович фаҳмид, ки модараш зодаи шаҳр аст, сухани ҷавонзанро бурида, ба котиба фармуд:

– Ариза нависанд.

Котиба чаққон коғазу ручкаро болои миз гузошт. Ҷавонзан борхалтаашро дар паҳлуи дар гузошта, коғазу худнависро пештар кашид.

– Чӣ нависам? – ҳиҷолатмандона пурсид.

– Ариза! – тунд гап мезад котиба.

Фотеҳ дар телефон саргарми суҳбат буд. Ҷавонзан чӣ навиштанро намедонист. Як ба коғаз ва як ба котиба нигоҳ мекард.

– Дар шумо намуна нест? Агар...

– Уф-ф, – норозиёна бастаеро кушод котиба ва аз дарунаш он аризаеро гирифта дар пеши ҷавонзан гузошт.

– Чӣ шуд? Ариза навиштанд? – гӯшаки телефонро гузошта пурсид ҷавонмард.

– То ҳол се бор хато карданд, – мужда дод котиба. – Чорумашро менависанд.

– Э-ҳе, ба ин аҳвол корхона касод мешавад-ку? Коғаз бепул не, – киноя зад ҷавон. – Тезтар нависед. Дар берун одамон бисёр. Ҳа нагуфта пешин мешавад.

Ҷавонзан «пешин мешавад» гуфтани ҷавонро шунида, гуруснагии худро ҳис кард. Охир пагоҳӣ ношто накарда ба роҳ баромада буд. Аз гушнагӣ буд ё ҳаяҷон дасташ меларзид. Ниҳоят аризаро навишта, ба Фотеҳ Неъматович дод. Ҷавон ба ариза як чашм давонд.

– Мешавад. Ҳуҷҷатҳоятонро диҳед, – гуфт.

Ҷавонзан аз борхалтаи сафед папкаи ҳуҷҷатҳоро гирифта дароз кард.

– Ман ин папкаро чӣ мекунам? – дод зад ҷавонмард. – Шиносномаатонро...

– Шиносномаи худамро? – ба худаш ишора намуд.

– Гувоҳномаи шумо гум шуд? – абрӯ чин кард ҷавонмард.

– Не, гувоҳномаи модарам.

– Э, тавба. Чаро ҳаминро барвақттар намегӯед?

– Ман нав гуфтам, ки модарам дар шаҳр...

– Гувоҳномаи модаратон даркор бошад, худашон оянд, – дарғазаб аризаро пеши ҷавонзан партофт. – Қариб як соат вақтамро гирифтед Равед худашон биёянд.

– Худашон омада наметавонанд, – овози ҷавонзан ларзид.

– Чӣ?

– Беморанд. Аз ҷой ҷунбида наметавонанд.

– Не, намешавад, равед, – гуфт ва рӯй ба котиба оварда:

– Дигарашро ҷеғ занед.

– Илтимос, акаҷон ёрдам кунед, – гиря гулӯгираш кард. – Се моҳ боз барои ҳамин ҳуҷҷатҳо сарсону саргардонам. Як ҳуҷҷатро тайёр кунам, дар дигараш камбудӣ мебарояд. Кайҳо ба пенсия баромаданашон даркор буд. Ҳамин ҳуҷҷатҳоро гуфта, ба қафо меафтад. Илтимос, акаҷон, ёрдам кунед.

– Намешавад. Ба як кас нағзӣ мекунам гуфта, ба бало гирифтор шуданро намехоҳам. Равед! Вақтамро нагиред.

– Хоҳиш мекунам, акаҷон. Саломатии худам ҳам нағз не. Аз роҳи дур омада рафтанам душвор.

– Саломатиатон нағз набошад ба шифокор равед. Ман чӣ кунам? – хандид ҷавон.

Котиба ҳайкалвор дар пеши дар меистод. Ин сабаб дошт. Котиба интизор буд, ки ҷавонзан «Илтимос, корамро ҳал кунед. Чӣ хизмат бошад мекунам. Мо ба хизматаш тайёр» гӯяд ва ӯ дарҳол ҳуҷҷатҳои занро омода карда, «хизмат»-ро фармояд. Чойпулӣ кор кунад. Аммо ҷавонзан аз илтимосу илтиҷо ба он сӯ намегузашт. «Аҷаб калтафаҳм будааст. Мебинад, ки сардор не мегӯяд. Як даҳан, «аз мо чӣ хизмат» гӯй, олам гулистон. Худаш, баъзеҳо табиатан чунин содафаҳми гарангтобанд» дар ниҳод андешид котиба.

– Аҷаб зани кундфаҳм будааст, - аз қафои ҷавонзан гуфт ҷавонмард.

– Илтимос, пагоҳӣ боз дар навбат шиштаам.

– Мо ҳам бекор, чойнӯшӣ карда нашистаем. Мушкили чанд касро ҳал кардем, – оташин шуд Фотеҳ Неъматович.

– Медонам, ако. Илоҳо, аз умратон барака ёбед. Ҳузури фарзандонатонро бинед. Илтимос, ёрдам кунед, – гиря кард ҷавонзан.

– Хай, – ба кресло такя кард ҷавонмард. – Дуямон «земляк» будаем. Рӯйи хотири ҳамин, ёрдам мекунам. Ҷаримаро ба касса супурда, квитансияашро биёред.

Ҷавонзан шитобон баромада рафт.

– Аҷаб зани кундфаҳм будааст, – аз қафои ҷавонзан гуфт ҷавонмард.

– Ҳа, Фотеҳ Неъматович, – тасдиқ кард котиба. – Аз афташ маълум-ку.

– Либосҳояш ҳам турфа. Рӯймоли сарашро намегӯй. Аз замони Доқиёнус мондагӣ. Хато накунам, модаркалонамро модарашон чунин рӯймол дошта нд, – қоҳ-қоҳ зада хандид.

– Борхалтааш ҳам хӯрҷини ҷӯгиҳоро мемонад, – сухани

роҳбари худро дастгирӣ кард котиба. – Аз ин хелҳо чой-пулӣ он тараф истад, пӯсти пиёз ҳам намерӯяд.

Ҳар ду саргарми ғайбат буданд, ҷавонзан ҷаримаро пардохта баргашт. Мехост корро тезтар ҳал карда ба деҳа баргардад.

– Дар газета дар бораи гум шудани гувоҳнома эълон додед?

– Ҳа, ана, – рӯзномаро дароз кард.

– Нағз. Акнун нусхаи шиносномаро диҳед, – рӯзномаро гирифта гуфт ҷавон.

– Нусхааш...

– Ҳа.

– Нусхааш нест.

– Набошад, биёред, – амр кард ҷавон ва боз як шоколадро ба даҳон андохт. – То баргаштани шумо гувоҳномаро тайёр мекунем.

– Дар куҷо копия кардан мумкин? – узрхоҳона пурсид.

– Кӯча бароед, дар ҳар қадам ксерокопия ҳаст, – бепарво гуфт ҷавон ва ба котиба чеғ задани каси дигарро фармуд.

Ҷавонзан кӯча баромад. Ба чанд дӯкони гирду атроф сар халонд. Дар онҳо дастгоҳи нусхабардорӣ набуд. Раҳораҳ пулашро ҳисоб мекард. Охир, вай барои гувоҳнома ҷарима супурданро намедонист. Аз ин рӯ, аз ҳамсоя каттар пул қарз гирифта буд.

«Агар барои копия 2000 сӯм гирад, сенздаҳ ҳазор мемонад. Нархи ҳабдоруи модарамро шонздаҳ ҳазор гуфт. Ба ёздаҳ ҳазор дору харам, 2 ҳазор ба роҳкиро мемонад» дар сар ҳисоб мекард. Ниҳоят дар дӯконе шиносномаро нусхабардорӣ кард.

– Ноинсоф! – аз дӯкон баромада зери лаб гуфт. – Барои як порча коғаз 3000 сӯм гирифт. Инсоф ҳам чун ҳақиқат нест шуду рафт. Ҳама дурӯғгӯю ноинсоф шудаанд. Ҳамаи бист ҳазори қарз гирифтаамро меовардам, бемалол мерасид. Беҳуда се ҳазорашро дар хона мондаам.

Ҷавонзан ба загсхона шитофт, аммо аз ноомади кор

дари хонаи ҳаштум қуфл буд. «Ба абет рафтагистанд» аз дил гузаронд.

Худро беҳол ҳис кард. Аз як тараф кӯфтагии роҳ, аз тарафи дигар гуруснагӣ азоб медод. Пеши тирезаи толор рафт. Аз бемадорӣ буд ё беморӣ, чашмонаш фурӯ рафта буданд.

«Ҳоли модарам чӣ шуд? То пешин бармегардам гуфта будам.

Рӯз бегоҳ мешуд, аммо аз Фотеҳ Неъматович дарак набуд. Ҷавонзан ҳафт маротиба аз котиба пурсид. Доим "Ҳозир меоянд. Дар маҷлис" мегуфт. Чанд нафар дилтанг шуда рафтанд.

Ҷавонзан чун анкабут дар байни дари ҳаштум ва тирезаи толор тор метанид.

Абеташонро чӣ мекунанд? Ақаллан ба ҳамсоя мегуфтам, аз ҳолашон бохабар мешуд. Бехаводир корамро ҳал мекардам. Телефони ҳамсояро ҳам намедонам, ки аз ягон ҷой телефон кунам. Тезтар сардор меомад, гувоҳномаро гирифта бармегаштам».

Рӯз бегоҳ мешуд, аммо аз ҷавони қадбаланд дарак набуд. Ҷавонзан ҳафт маротиба аз котиба пурсид. Доим «Ҳозир меоянд. Дар ҷамъомад», мегуфт. Чанд нафар дилтанг шуда рафтанд.

Ҷавонзан чун анкабут дар байни дари ҳаштум ва тирезаи толор тор метанид.

«Бевақт шуд. Автобус то соати чанд мегардад, намедонам. Ақаллан ба охирин автобус бошад ҳам расонам. Гувоҳномаро мегирифтам, модарҷонам ҳам хурсанд мешуданд. Худаш ҳал шудани нафақаашон ҳам рӯдаи буз барин дароз шуд. Имрӯз ҳам рафта ҳал нашуд гӯям, хафа мешаванд. Чӣ хел набошад ҳам, корро ҳал карда бармегардам. Бо ин тани носолим боз кай ба шаҳр меоям? Кош, бародар ё хоҳаре дошта будам. Дар чунин вақт ёрдам мекарданд. Афсӯс, ки маро танҳо модар ҳасту модарҷонамро ман»...

Дар толор Фотеҳ намоён шуд. Ба биниаш хода намера-

сид. Ҳама аз пушти ӯ ба дар наздик шуданд. Котиба баромада, сардор аввал онҳоеро, ки аз пайи камбудии ҳуҷҷат рафтаанд, қабул мекунад, гуфта эълон кард. Ҷавонзан оҳи сабук кашид. Вақте ки нусхаи шиносномаро тақдим кард, Фотеҳ Неъматович баҳона пеш овард, ки навиштаҳои нусхаи шиноснома ба чашм наменамояд.

– Арзиши ҳар як коғаз ба маълумоти он вобаста аст, – норозиёна гуфт ҷавонмард. – Коғазе, ки тоза аст, арзиш ҳам надорад. Монанди ин нусхаи шиноснома. Аз дигар нусхабардорӣ карда биёред.

Ҷавонзан чӣ кор карданро намедонист. Аз кӣ ёрӣ пурсад? Ба кадом девор сар занад. «Арзиши коғаз бо навиштаи он муайян гардад, арзиши одамро бо чӣ ҳисоб мекунанд? Ин сардор ҳеч дар ин бора фикр карда бошад? – дар ниҳод андешид ва аз котиба оҳиста пурсид:

– То омаданам, намеравед?

– Кор то соати шаш. Баъди шаш қабул намекунем, – бурро ҷавоб дод котиба.

– Ҳозир соат чанд?

Котиба соати телефонашро дида:

– Панҷу ним, – гуфт.

Ҷавонзан ранҷидахотир берун баромад.

«Ним соат. Дар ним соат чӣ хел рафта меоям. Намешавад. Танҳо барои рафтан ним соат вақт даркор». Пойбанди хаёл аз зина мефаромад ва занеро, ки боло мебаромад, надида бархӯрд.

– Мебахшед, – аз олами хаёлот берун омада, узр пурсид ва дар рӯ ба рӯйи худ ҳамон зани рафидарӯйро дид, ки пагоҳӣ ба вай эътироз карда буд. – Ба хаёл дода шудаам.

– Ҳеч гап не, – хандид зани рафидарӯй. – Хаёлпарешонӣ дар ҳама мешавад. Коратон ҳал шуд?

– Не, – димоғсӯхта гуфт ҷавонзан.

– Чаро?

– Нусхаи шиноснома лозим будааст. Овардам, «хонда намешавад, аз дигар копия карда биёр» гуфтанд.

– Ҳамин ҳам гап шуд-у. Дар худашон дастгоҳи копия ҳаст-ку?

– Намедонам, – китф дар ҳам кашид ҷавонзан.

– Чойпулӣ додед?

– Чойпулӣ?!

– Ҳа, чойпулӣ. Ба котиба.

– Не.

– Як бист ҳазор диҳед, коратон бе ягон муаммо ҳал мешавад, – гуфт зани рафидарӯй. – Ҳозир ҳама гадорӯю гадочашманд. Рафта нусхаи шиносномаро аз нав биёред ҳам, боз дигар баҳона пеш меоранд. То чойпулӣ нагиранд, коратонро ҳал намекунанд. Маро ҳам барои як маълумотнома фиристоданд. Чойпулӣ бештар медиҳам гӯям, бе маълумотнома намешавад гуфтанд. Ҳамонро мебиёрам. Рафтем, ман даромада котибаро берун, пеши шумо мефиристам.

Ҷавонзан ҳамроҳи зани рафидарӯй қафо баргашт.

– Барои густохии имрӯза узр мепурсам. Агар ҳамон хел намекардам, боз чанди дигар бенавбат медаромаданд, – зан беист гап мезад.

Ҷавонзан дар назар ӯро мешунид, аммо хаёлан пулашро ҳисоб мекард. «Агар ба котиба даҳ ҳазор диҳам, ду ҳазор мемонад. 2000 танҳо ба автобус мерасад. Тезтар гувоҳномаро гирифта, ба истгоҳ равам, ба автобуси охирин шояд расонам», меандешид.

Зани рафидарӯй дарун даромад. Ҷавонзан канортар рафта, пулашро дубораю себора шумурд: ёздаҳто ҳазор-сӯмӣ, дуто панҷсадсӯмӣ. Сари калобаи худро гум кард. Чӣ кор карданро намедонист. Ҳамин вақт котиба баромад.

– Маро кӣ ҷеғ зад? – аз одамони пушти дар пурсид. Ҷавонзан дарҳол ду ҳазорро дар борхалтаи сафед андохта, шитобон пеши котиба рафт.

– Ман ҷеғ задам, – гуфт ва ӯро ба канортар кашида, ба дасташ пулро дод.

– Ин чойпулӣ, хоҳарҷон. Илтимос, гувоҳномаро бароварда диҳед. Котиба пулро бепарвоёна гирифта, як нигоҳ кард ва дар ҷайби худ андохта ба идора даромад.

Пас аз лаҳзае зани рафидарӯй баромада, котиба ҷавонзанро даъват кард.

– Котиба гуфтанд, ки шумо саросема ҳастед, – дар лаби ҷавонмард табассум гул мекард. – "Зар бар сари пӯлод ниҳӣ нарм шавад", гуфтаанд бузургон. Шумо «хизмат»-ро кардед, акнун мо ҳам ба хотири «земляк» буданамон як ҳиммат кунем. Ҳамон нусхаи шиносномаатонро дода равед. Мо ҳамеша ба ҳамшаҳриҳои худ ёрӣ мекунем. Ин гувоҳномаро бурда, модаратонро хурсанд кунед, – мамнун гувоҳномаи навро дароз кард. – Аз номи мо ягон кило шоколад ҳам баред.

Ҷавонзан изҳори миннатдорӣ намуду дар дил «бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад, бодавлатро киштаву нокишта баробар» гуфтаанд. Шоколад баред мегӯяд. Аз куҷо донад, ки бо пули қарз ба ин ҷо омадам ва дорупулии модарҷонамро ба ӯ додам» гуфт ва гувоҳномаро гирифта берун баромад. Рӯз торик шуда буд. Ҷавонзан аз паҳлуи базмгоҳи Кӯксарой ба роҳи калон фаромада, қад-қади роҳ, пиёда ба ҷониби истгоҳи Пайариқ – чорроҳаи Даҳбед шитофт.

Дар истгоҳ танҳо мошинҳои сабукрав меистоданд. Ронандаҳо бо овози баланд мусофиронро ҷеғ мезаданд: «Пайариқ, Пайариқ, Челак».

Сабукравҳо роҳкироро 8000 сӯм мегуфтанд.

Дили ҷавонзанро гург тала мекард. «Ҳоли модарам чӣ шуд? Пешин чӣ хӯрданд? Аз дер кардани ман парешон мешаванд. Илоҳо, ягон ҳамсоя ба аёдат омада бошад...».

Бо умед аз ду-се ронандаи сабукрав хоҳиш кард, ки то ба манзил расонанд.

– 2000 сӯм пулам ҳаст. То хона баред, пули боқимондаро медиҳам, – гуфт.

Азбаски хонаи ҷавонзан дар канортари шаҳраки Челак буд, ронандаҳо розӣ намешуданд.

Дар қадди роҳ истода, ба ҳар як мошин даст боло мекард. Ронандаҳо либосҳои куҳнаву рангпарида, калӯшҳои чиркин, рӯймоли сабзи якранги ӯро дида, аз ҳамон талбандаҳое мепиндоштанд, ки дар назди чорроҳаҳо истода, аз ронандагон садақа мепурсиданд. Аз ин рӯ, наистода мегузаштанд...

Торафт ҳаво сард мешуд. Шамол авҷ мекард. Шохҳои урёни дарахтони канори роҳ зери шуои чароғҳои ду бари кӯча музтарибу бенур ба назар мерасиданд. Сардӣ ба ҷавонзан асар карда буд. Борхалтаи худро оғӯш карда, дар истгоҳ аз шамоли сард паноҳ ҷуст. Сар ба оинаи истгоҳ гузошта, чашм аз роҳ намеканд. Бо гузашти вақт гаштугузори одамон ва мошинҳо камтару эҳсоси яъсу навмедии дили ҷавонзан бештар мегардид...

Сабукраве омада дар рӯ ба рӯйи истгоҳ қарор гирифт. Аз он ҷавони қадбаланд фаромад. Ҷавонзан ӯро шинохта, сар хам кард. Фотеҳ Неъматович тарафи ягона мусофиркашоне қадам зад, ки дуртар аз истгоҳ меистод.

– Куҷо меравед, ака? – пурсид ронанда.

– Челак.

– Гап не. Биёед, ду каси дигар гирем, меравем.

– Рафтем, ман пули се касро медиҳам, – гуфт ҷавони қадбаланд ва дар сабукрав нишаст.

Ҷавонзан боумед дар истгоҳ нишаста буд, ки агар мошин пур нашавад, ронанда ӯро то ба манзил мебарад. Аммо сабукрав рафту бо худ охирин умеди дили ҷавонзанро ҳам бурд ва ӯ дар истгоҳ танҳо монд...

Неъматамак – падари Фотеҳ машғули чойнӯшӣ буд, писараш дар тан либоси корӣ ба хона даромад.

– Писарам, имрӯз ягон кори таъҷилӣ надорӣ? – пурсид амак.

– Не. Ягон кор буд?

– Дар маҳаллаи Дарвешак духтари як ошноямон вафот кардааст. Имрӯз панҷшанбе, фотеҳахонӣ мерафтем. Баъд якҷоя шаҳр рафта, туро пеши корхонаат мегузоштам. Дар шаҳр каттар корам ҳаст.

– Майлатон, – розӣ шуд Фотеҳ.

– Ту мошинро тасфон. Ман ҳозир либосамро иваз кунам, меравем, – калиди мошинро ба дасти Фотеҳ дод ва ба хонаи дигар гузашт.

Вақте ки ба маҳаллаи Дарвешак расиданд, Неъматамак ба тангкӯчае ишора карда гуфт, ки бо ҳамон роҳ мераванд.

Дар охири тангкӯча хонаи назарногире ба назар мерасид. Шиферҳояш куҳнаву деворҳояш таъмирталаб буданд.

Неъматамак ва Фотеҳ дуртар аз ҳавлӣ аз мошин пиёда шуда, ҷониби чанд мӯйсафеде, ки берун аз дарвоза менишастанд, ҳаракат карданд. Дар берун курсичае гузошта буданд, ки дар болои он гулдон ва портрети ҷавондухтаре ба назар мерасид. Чашми Фотеҳ ба сурат афтод, чеҳраи вай дар назараш шинос тофт.

Неъматамак пас аз дуои фотиҳа ҳамдардӣ изҳор карда:

– Ҷойи духтарамон ҷаннат шавад, – гуфт ва рӯ ба марди ҳампаҳлуи худ оварда:

– Янгамулло дар куҷо? Як ҳолпурсӣ кунем.

Мард Неъматамакро роҳбаладӣ кард.

Фотеҳ дар берун монд. Ҳар лаҳза бо гӯшаи чашм ба расм менигарист. Ҷавондухтар дар лаб табассум, гӯё ба ӯ нигоҳ мекард. Дар худ меандешид, ки ӯро дар куҷо дидааст. Пас аз чанд дақиқа падараш баргашт ва ҳамроҳ ба шаҳр роҳ гирифтанд.

Мард хомӯшу ранҷидахотир буд. Чашм аз роҳ намеканд.

Ҳар дам оҳи чуқур мекашид. Аён буд, ки марги ҷавондухтар ба ӯ сахт таъсир кардааст.

– Шумо ин оиларо аз куҷо мешиносед? – пурсид Фотеҳ.

– Ин таърихи дароз дорад, – гулу афшонд Неъматамак ва пас аз сукути кӯтоҳ нақлашро давом дод:

- Он замон шумо кӯдак будед. Ман дар дашт чӯпонӣ мекардам. Моли давлатро мечарондам. Бо баҳонаи парвариши моли давлат худамон ҳам бузу гӯсфанди зиёд карда будем. Ғайр аз ин, бузу гӯсфанди дигаронро ҳам гирифта, нигоҳ мекардам. Рӯзе тасодуфан аз шаҳр барои тафтиш комиссия омад. Ҳуҷҷатҳоро як-як омӯхтанд. Дар натиҷа маро дар тороҷ кардани ему хошоки давлат айбдор карданд.

Чӣ кор карданро намедонистам. Музтару парешон будам ва иқрор шудам. Чунки беайб набудам.

Баъд яке аз тафтишгарон, ки дар синну сол аз дигарон солхӯрдатар буд, шояд ба аҳволи ман раҳм кард ки:

– Дӯстон, дар ин дашту саҳро, дур аз одаму олам бузу гӯсфанд пуидан худаш намешавад. Ин заҳмат ва машаққати зиёд дорад. Ин додарамон солҳо боз чӯпонӣ мекардаанд. Миқдори зарари расонидашуда на он қадар калон аст. Биёед, ба ҷони ҷавонаш ҷабр накунем. Дӯстамонро бубахшем, – гуфт.

– Сироҷака, дар ин ҷо гап дар хусуси тороҷи амволи давлат меравад. Он кам аст ё зиёд, мулки давлат аст. Хиёнат ба сарвати ҳукумат, хиёнат ба Ватан мебошад, – луқма партофт тафтишгари дигар.

– Дуруст, мо ҳар як тийинро барои фоидаи давлат меситонем. Аммо чӯпонҳое ҳастанд, ки аз ин ду-се баробар зиёд ба давлат зарар мерасонанд. Аммо гулуи ким-кадом мансабдоронро равған карда, аз рӯйи нақли «худам хону табъам вазир» амал менамоянд ва аз об хушк мебароянд, – ҷиддӣ гуфт ҳамон мард. – Ин дӯстамон ба айби худ ҷавонмардона иқрор шуд. Биёед, бахшоянда шавем. Боз агар чунин ҳол такрор шавад, ба ҷазо мекашем ва дучанд ҷари-

ма меситонем.

Тафтишгарон ба гапи вай лому мим нагуфтанд, ба ҷони ман низ оро даромад. Он муфаттиш маро аз панҷаи бало раҳо кард.

Дертар фаҳмидам, ки ӯ зодаи Пойариқ буда, Сироҷ Салоҳиддинов ном доштааст. Дар Садорати давлатии андози вилоят кор мекардааст ва аксарият хоҷагиҳо ӯро хуб мешинохтаанд. Бо корҳои хайру адолатпарваронаи хеш ном бароварда будааст.

Ҳамон сол тӯли бузу гӯсфандҳо нағз шуд. Қисме аз чорворо фурӯхта, аз маркази ноҳия хона харидам. Ғайр аз ин, соҳибкориро ба роҳ мондам. Моли ҳукуматро супурда, қисми дигари бузу гӯсфандонро ба як чӯпони ошно додам. Аз пушти ҳамон пул кор кардам, обрӯ ёфтам. Ҳамон бузу гӯсфандонро фурӯхта, ба домуллоҳо дода, шумоёнро ба донишгоҳ даровардам. Асоси зиндагонии фаровон ва ҳаёти хушбахтонаи имрӯзаи мо бо ҳамон тафтишгари нектинат вобаста аст. Агар ҳамон вақт вай маро ҷонибдорӣ намекард, қисми зиёди бузу гӯсфандонамон ба ҳисоби далват мегузашт. Ман яқин ҳабс мешудам ва Худо медонист, ки ҳозир чӣ ҳолу чӣ гуна рӯзгор доштем.

– Ҳозир Сироҷ Салоҳиддинов ҳаёт ҳастанд?

– Не. Шодравон чанд сол пеш вафот карда буд. Ба санҷишҳои пайиҳами зиндагӣ, туҳмату ноадолатиҳо дилаш тоб наовард. Бечора дар ҳабсхона вафот кард, – жарф нафас кашид Неъматамак.

– Дар ҳасбхона? – бо тааҷҷуб ба падараш нигарист Фотеҳ. – Чӣ шуд? Чӣ хел ҳабс шуданд? – кунҷковона пурсид.

– Аксари мансабдорони бадкирдор одами ҳалолу ростқорро намеписанданд. Сироҷ Салоҳиддинов марди пок буд. Аз ин рӯ, «калон»-ҳо ӯро бад медиданд ва ҳамеша аз пайи нест кардан мегаштанд.

Дар ҳаёт аксари соҳибмансабон корҳои бузурги ғайриқонунии сарватмандонро нодида мегиранду айби хурди одамони одиро даҳчанд карда нишон медиҳанд ва ба ҷазо

кашида, пушти панҷара мепартоянд. Сироҷ Салоҳиддинов акси ин корро мекард: ба одамони одие, ки хато кардаанд, дасти ёрӣ дароз мекард, роҳи дурустро нишон медод ва мансабдорони баланддимоғу қонуншиканро ба ҷазо мекашид. Ниҳоят ба одамони одӣ ёрӣ кардани Сироҷ Салоҳиддинов ба сари худаш бало шуд. Даъвогари суст қозиро муттаҳам кардааст гуфтагӣ барин, ба як бефаҳм ёрӣ расонду худ шарманда гардид. Сироҷ Салоҳиддиновро дар пинҳон кардани қонуншиканӣ айбдор карда, ҳабс намуданд. Хонаву дар ва ҳама дороияшро мусодира карданд. Худ аз худ ҳамаи хешу табор, дӯсту бародар, ёру ошно аз онҳо рӯ гардонданд. Оилааш дар кӯча монд. Баъд ба ҳамин маҳаллаи Дарвешак – хонаи падарии Сироҷ омада ҷойгир шуданд. Ӯ дар маҳбас вафот кард. Чунин ранг гирифтани кор аз хаёли ҳеч кас нагузашта буд. Ҳамсараш бар асари ин ҳама ранҷу азоб, яъсу ноумедиҳо бемор шуда, чанд сол аст, ки бистарист. Зани муштипар як аҳвол шудааст. Ангор биниашро дорӣ, ҷонаш мебарояд.

– Чанд фарзанд доранд? – аз нақли ғамангези падар ранҷидахотир шуда, бо табъи хира пурсид Фотеҳ.

– Як духтар дошт. Худо ҳамонро ҳам пур дид, – дар чашми мард ашк ҳалқа зад.

– Ба духтарашон чӣ шудааст? Ягон фалокат рӯй додааст?

- Духтараш ҳам чанд сол боз бемор буд. Аз хона кам мебаромад. Бечора, ҳафтаи гузашта барои кадом як ҳуҷҷати модараш ба шаҳр рафтааст, барои ба нафақа баровардани модараш.

Фотеҳ дар худ ларзид. Пеши чашмаш сиёҳӣ зад ва дар мадди назараш чеҳраи хандони духтарак намоён шуд. Ҷавондухтарро ба хотир овард. Оҳиста мошинро канори роҳ гирифта, бозистод.

– Чӣ шуд пурсам? Тинҷӣ?

– Ҳеч гап не. Пеши чашмам сиёҳӣ зад.

– Чаро сиёҳӣ мезанад? Сарат дард мекунад?

– Не, ҳамааш хуб.

– Фаро. Ман худам дар рул мешинам, – гуфт амак ва поён фаромад....

Фотеҳ корхона омад. Аммо дасташ ба кор намерафт. Парешону ғамгин буд. Чеҳраи пуртабассуми духтарак лаҳзае аз пеши рӯяш дур намешуд.

«Вақти аз шаҳр бозгаштан дар кӯча мондааст. Сармо асар карда, ба бемористон афтодааст. «Бе пул суханат асар надорад, ҳоле, ки ту дорӣ хар надорад», гуфтаанд. Ба духтари фақир дар шифохона як-ду ҳабдору дода, дар вазъи вазнин ба хонааш ҷавоб додаанд. Бемориш авҷ карда, пас аз ду рӯзи бистарӣ ҷон ба Ҷонофарин супурдааст.

Баъд аз ҳабс гардидани Сироҷ Салоҳиддинов дар иду айём аз ҳолашон хабар мегирифтам. Ҳар боре биёям, духтарак бо чеҳраи кушод, «хуш омадед, амак» гуфта пешвоз мегирифт.

Ҳозир модари муштипараш аз ҷояш ҷунбида наметавонад. Раҳмат ба аҳли маҳалла, ки дасти ёрӣ дароз карда, марҳумаро гӯру чӯб кардаанд. Лекин онҳо ҳам чанд рӯз нигоҳубин мекунанд? Як ҳафта, як моҳ, биё ки як сол будагист. Баъд ҳоли пиразан чӣ мешавад?», суханони падарашро ба хотир овард Фотеҳ.

«Ҳоли пиразан чӣ мешавад? Чӣ хел зиндагӣ мекунад? Кӣ ӯро парасторӣ менамояд?» такрор ба такрор ба худ савол медод.

Рӯзҳо мегузаштанд. Аммо на дар хоби Фотеҳ роҳат буду на дар хӯрокаш лаззат. Парешону малул, озурдахотиру димоғсӯхта гардида буд. Доим дилаш аз чизе бухс мекард. Дар ҳастияш ғам ошён карда буд. Илоҷи воқеаро мечуст. Чунки дар марги ногаҳонии ҷавондухтар худро айбдор медонист. Аз ин рӯ, мехост ба пиразан ёрӣ расонад.

Ниҳоят, рӯзе ба хулосаи амиқ омада, субҳи барвақт аз хоб хесту ҷониби маҳаллаи Дарвешак роҳ пеш гирифт...

Соли 2020

БОДБАРАКИ ОРЗУ

Дар фазои ғуборолуди шаҳри Ҳалаби Суриё зоғҳо села-села парвоз мекарданд. Гоҳ аз наздик ва гоҳе аз дур садои тиру туфанг баланд гардида, «қар-қар»-и зоғҳои сиёҳро пахш мекард. Бӯйи ғализу нофорами партовҳо, ки дар қадди биноҳои валангору кӯчаҳои нотоза ҷамъ шуда буданд, дили касро нороҳат месохт. Коҳиши партави офтоб аз поён ёфтани боз як рӯзи ҳаёт дарак медод. Гарчанд фасли бедоршавии табиат дар мекӯфт, манзараи шаҳр анҷоми поизро мемонд. Дарахтон шабеҳи одамони дар бими ҷон афтодаи шаҳр музтару ҳайрон менамуданд. Ангор гӯшбақимор буданд, ки ин ҳама ҷангу исён, хунхириву шӯришҳо оқибат бо чӣ меанҷоманд?

Дар канори шаҳр, ки ба ҳамвории васеъ пайваст буд, дар дуртар аз биноҳои пасту баланди вайрон хонаи назарногире ба чашм мерасид. Болои ин хонаи хурдакак, ки хонаи Ҳозиқ ном сардори як гурӯҳ ифротгароён буд, бомпӯш надошт. Ӯ бо мақсади аз назари бегонагон пинҳон доштани манзили зист дар ин вайрона зиндагӣ мекард. Мӯрии ти-

раранг ва мавҷгири моҳворай, ки аз боми кулба ба назар мерасиданд, гӯиё нишонаҳои ду олами ба ҳам зид буданд, ки саҳван канори ҳам омадаанд. Деворҳои гиландоваи хона ҳар ҷо-ҳар ҷо афтодаву тирезаҳо аз дарун бо матои сиёҳ маҳкам пӯшонида шуда буданд. Хона ду дар дошт, ки яке ба ҷониби шаҳр кушода мешуду дари дигар роҳ ба самти танӯрхона буд. Аз тарафи рости дари даромад зинае ба зери замин мефаромад. Дар поён ду хона буд – яке иқоматгоҳ, дигаре ошхона. Аҳли ин паноҳгоҳ барои эмин будан аз ҳар гуна ҳамлаҳои вақту бевақт дар зер зиндагӣ мекарданд.

Дар хона, ки тамоми таҷҳизоти зарурии рӯзгорро дошт ва бо қандили овезон аз шифт равшан мешуд, қадбонуи Ҳозиқ таоми шом мепухт. Писарчае, ки яқинан се ё чорсола буд, телевизор медид. Бо завқи тамом як шабакаи давлатии дигарро, ки мардумаш ҷашнеро пешвоз мегирифтанд, тамошо мекард. Гарчанд забони онҳоро намефаҳмид, аз рақсу бозии бачагон, сурудхонию бадеҳагӯйии одамон, болои банд гаштани дорбозҳо, гӯштингирии паҳлавонон, суманакпазии мардум завқ мебурд. Дар худ меболид, ду дасташро зери ҷоғ такягоҳ карда, дида аз оинаи нилгун намеканд. Медид, ки бачаҳо бо шохаҳои гул таҳти навоҳои дилкаш мерақсиданд, байтбаракбозӣ мекарданд.

– Модарҷон, ин одамон чӣ кор мекунанд? – пурсид бача бо тааҷҷуби кӯдакона.

– Ҷашн доранд, – ба телевизор нигоҳ кард зан.

– Чӣ гуна ҷашн?

– Намедонам, шояд ягон иди мардумӣ бошад...

– Мо кай ид мегузаронем?

Зан оҳи сарде кашид. Назди писар омаду паҳлуяш нишаст ва ӯро оғӯш карда аз гунаҳояш бӯсид.

– Худо хоҳад, ҷанг тамом шавад, сиҳату саломат ба озодӣ расем, он гоҳ мо ҳам ид мекунем, иди бошукӯҳ.

– Ман ҳам ба ид меравам? – рӯ ба модараш овард писарак.

– Албатта меравӣ, шери модар.

– Либосҳои нав мепӯшам, ҳамин тавр?

– Ҳа, падарат бароят либосҳои нав меоранд. Ту онҳоро пӯшида ба ҷашнгоҳ меравӣ, бо дӯстонат бозӣ мекунӣ, хушнудӣ менамоӣ.

– Ман чӯра надорам...

– Дунё, ки ором шуд, модарон нотарсида бо кӯдакони худ ба хиёбонҳо мебароянд. Ту ҳам дар байни онҳо ба худ дӯсту рафиқ пайдо мекунӣ, шери оча. Дӯстонат зиёд мешаванд.

– Ман ҳамроҳи онҳо рақсида хурсандӣ мекунам-а?

– Ҳа.

– Дар ид ба шумо гулдаста туҳфа мекунам, ба падарам китоб медиҳам.

– Чаро ба падарат китоб?

– Охир, падарам китобхониро дӯст медоранд, аз ин рӯ, китоб ҳадя мекунам. Ба шумо аз чунин гулҳои хушрӯ, – ба гулдастаи дасти духтараке, ки дар телевизор нишон медод, ишора кард писарак, – як гулдастаи калон ва як либоси заррини қиматро мебиёрам.

– Барои ин қадар туҳфа пули бисёр лозим аст. Пулро аз куҷо мегирӣ? – дар лабони зан хандаи малеҳе гул кард.

– Ман кор мекунам, пули зиёд меёбам. Баъд, ба шумову падарам туҳфаҳои ҳархела мехарам.

– Эҳ, шери оча-е, – писаракро ба канор кашид зан ва маҳкам оғӯш кард. – Илоҳо, Худованд ба муродат расонад. Ҳамаи ҷангу хунхӯриҳо тез анҷом ёбад. Осудагиву озодие, ки орзуи мост, зуд расад ва ту ҳаргиз армонбадил намонӣ, шери оча, – гуфт зан ва аз ҷо бархост.

Аз телевизор як гурӯҳ бачагонро нишон медод, ки дар ҳамвориҳои васеи сабзадамида медавиданду бодбарак мепарронданд.

– Модарҷон ин бачаҳо чӣ кор мекунанд? – дубора савол дод писарак.

Зан дар даст косаи биринҷ омада нишаст. Биринҷро рӯйи матое рехта, ба тоза кардан машғул шуда гуфт:

– Бодбарак мепарронанд.

– Бодбарак чист?

– Чизест, ки бачагон аз коғазу чӯбҳои борик ва ширеш месозанд.

– Барои чӣ месозанд?

– Онро сохта аз як гӯшааш ресмон мебанданд ва дар вақти вазидани бод ба ҳаво сар медиҳанд. Он бо шамол дар само парвоз мекунад. Бодбараки касе, ки аз ҳама боло парвоз кунад, ғолиб мегардад.

– Шумо ба ман ҳам бодбарак созед, очаҷон. Ман ҳам мехоҳам бодбаракбозӣ кунам.

– Дар куҷо бозӣ мекунӣ? Онро дар хона бозӣ намекунанд, барои он ҷойи кушоду васеъ лозим. Бачаҳоро бин, дар дашти калон бодбарак мепарронанд, – ба телевизор ишора кард зан.

– Ман ҳам дар ҳамвории назди хона бозӣ мекунам.

– Ҳеч гоҳ! – чун нафаре, ки аз чизе тарсидааст, дод зад зан. – Дар ин бора асло фикр ҳам накун. Магар суханони падаратро фаромӯш кардӣ, ки агар аз таҳхона берун бароед, гӯшҳоятонро мебурам, гуфта буданд?!

– Чаро набароям?

– Падарат набаро гуфтанд, пас баромадан даркор не!

– Ман одами ганда не-ку.

– Кӣ туро ганда гуфт?

– Худатон гуфта будед, ки одамони гандаро дар як хона гузошта ҷое рафтан наметонанд. Ман бачаи боодоб-ку, – димоғсӯхта гуфт писарак, – чаро ба ман берун рафтан мумкин не?

– Чунки ҳамон одамони ганда – гапподарову якрав, бераҳму бадкирдор аз хонаҳояшон гурехтаанд. Ҳозир онҳо дар кӯчаҳо мегарданд. Агар бачаҳои боақлу боодобро бинанд, гирифта мераванд.

– Куҷо мебаранд?

– Ба ҷойҳои бад.

– Чӣ хел ҷойҳои бад? Ба ҳабсхона...

– Ба ҷое, ки аз ҳабсхона ҳам бадтар аст, – сар боло кард

зан ва дида ба телевизор дӯхту фирефтаи хаёл шуд.

– Ман онҳоро «диш-диш» мезанам ва аз дасташон гурехта ба хона меоям.

– Ту наметарсӣ?

– Не-е, наметарсам, – бо забони ширини бачагонаи худ ҳарф мезад писарак.

– Ҳамин шерписари модар саломат бошад-е, – гуфт зан ва биринчу маторо гирифта назди оташдон рафт.

Писарак бошад, аз назди телевизор намечунбид. Дар он овозхоне ба сурудхонӣ даромад. Писаракро оҳанги шӯху садои гӯшнавоз ба вачд овард магар, аз ҷой хеста рақс кард. Модар аз дастафшонию китфчунбониҳои нури дидаи худ хушнуд гардида, ба кафкӯбӣ даромад. Писарак модарашро низ ба рақскунӣ кашола кард, аммо зан ҳамоно нишаста қарс задан гирифт. Писарак дар атрофи ӯ парвонавор давр мегашт, хушнудии ҳар ду ҳадду канор надошт, механдиданд, меболиданд... Баъд аз анҷоми савту суруд барномаи дигаре оғоз шуд, ки дар он дӯшизаи хушлибосу хушсурате дар хусуси тарзи сохтани бодбарак ба сухан гуфтан пардохт. Бача аз телевизор чашм намеканд ва ҳар як ҳаракати дасти духтарро, ки бодбарак месохт, аз назар дур намемонд. Пас аз хотимаи барнома писарак дарҳол ба хонаи поинӣ даромада, дар даст чанд чӯби дароз ба боло баромад. Аз рӯйи миз, ки дар он як даста рӯзномаю маҷалла мехобид, як газетаи калонро гирифт. Сипас, аз модар хоҳиш кард, ки риштаю ресмон диҳад.

– Риштаю ресмонро чӣ мекунӣ?

– Бодбарак месозам.

Зан як ғалтак ва ресмони дарозеро оварда дар пеши писарак, ки дар миёнаи хона машғули кор буд, гузошт. Пас аз фурсате кушодашавии дари боло шунида шуд. Марде, ки ришу мӯйҳояш расида буданд ва дар сар дастору дар бар либосҳои суриёӣ дошт, аз зина поён омад. Ин сарвари хонадон Ҳозиқ буд. Дастор, гарданбанд, милтиқ ва ҳалқаи тирҳоро ба мех овехта, дар паҳлуи писар нишаст. Писа-

рак саргармӣ кор ба ӯ эътиборе надод.

– Чӣ кор мекунӣ? – пурсид мард, ки овози ғафси нофорам дошт.

– Бодбарак месозам.

– Метавонӣ?

– Ҳа, – сар аз кор набардошта бо боварии комил гуфт бача.

Мард якпаҳлу нишаста ҷаҳоннаморо ба шабакаи дигар, ки доир ба навигариҳои ҷаҳон хабар медод, гардонд. Писарак пас аз заҳмати тӯлонӣ бодбаракро сохт.

– Ана, тайёр шуд, – рӯ ба падару модар овард. – Чӣ хел шудааст?

– Бениҳоят хуб аст, шери оча, – таъриф кард зан.

Мард нигоҳи ҷиддие афканду ҳарфе нагуфт. Писарак бодбаракро оҳиста дар болои миз гузошт ва ба пеши модар омад...

Субҳ писарак аз садои табарзании падар, ки дар ошхона ҳезум пора мекард, бедор шуд ва дарҳол ҷониби миз нигоҳ кард, ки бодбарак дар ҷояш ҳаст ё не.

– Хез, шери оча, дасту рӯятро шӯй, чой мехӯрем, – меҳрубонона гуфт зан.

Мард аз хонаи дарун бо димоғи сӯхта баромад. Аслан ӯ доимо чунин малулу парешон буд. Ҳамеша бо лунҷу димоғи овезон мегашт. Ба касе рӯйи хуш намедод. Чой мехӯрданд, ки аз берун садои тир баланд шуд. Магар дар наздикиҳои хона тирпарронӣ мешуд, ки овози он баръало ба гӯш расид.

– Ҳазор лаънат, – мард бо мушт ба як гӯшаи миз чунон кӯфт, ки писарак як қад парид, – то кай ин ҳол давом мекунад?! То кай ин мардуми ғофилу кофар ба мо муқобилат мекунанд?! – дод зад мард. – Мо бояд тезтар ҳаракат кунем, зудтар мақсади хуро амалӣ созем. Танҳо ҳамон вақт ба озодии асл расиданамон мумкин аст, фақат дар ҳамон маврид.

– Ҳамин корҳо чӣ лозим бошад? – норозиёна гуфт зан.

– Ту чиро ҳам мефаҳмӣ? – писханд зад мард. – Мо дар

сари шоҳроҳи бузург қарор дорем. Иншоаллоҳ, Офаридгори ягонаву беҳамто моро ба мақсадамон мерасонад. Мурдани ин мардуми ғафлатзада ва кофар муқаррар аст, аммо кай мурданашон аён нест! Парвардигоро, – даст ба дуо кушод мард, – барои иҷобати орзуи ягонаи мо худат ёрӣ расон, чашмони бандагони ғофилро боз кун, ба дилашон нуру зиё ато фармо ва дар роҳи ҳақ ба онҳо роҳнамо бош, – даст ба рӯй кашид ва аз ҷой хеста, абзори кӯчаравиро пӯшида, туфангро ба даст гирифт. Вақте ки баромада рафт, нигоҳи қадбону дар нуқтае ях карда буду ҳарфе намезад...

Ақрабаки соат аз пешин шудани рӯз хабар медод. Писарак бодбаракро дар канор гирифта ба он ресмон мебаст. Зан хамир мекард.

– Шери оча, аз ошхона ба боло ҳезум барор.

Писарак бодбаракро гузошта ба хонаи дарун даромад ва дар оғӯш чанд чӯб аз зина боло шуд. Ҳезумро дар қафои дар гузошта бозмегашт, чашмаш ба равшание бархӯрд, ки аз як гӯшаи тиреза вориди айвон мешуд. Қадам шумурда ба назди тиреза омад ва як гӯшаи матои кӯфташударо бардошту ба берун нигоҳ кард. Хуршед медурахшид. Аз замин сабзаҳои нав сар боло мекарданд. Яқинан шамол мевазид, ки шоххои чанд дарахти ҳамворӣ ба ҳар ҷониб мечунбиданд.

«Дар ин шамол бодбарак чӣ хел парвоз мекарда бошад?», аз дил гузаронд писарак. Поён фаромада боз ҳезум баровард ва бори дигар ба берун нигоҳе афканд. Ҳамоно шамол шохи дарахтону рӯйи сабзаҳоро сила мекард. Ба назари писарак, ки чанд вақт боз табиати берунро надида буд, ҳамвории хароби назди хона чун як замини биҳиштӣ менамуд. «Як маротиба бодбаракамро парронам, чӣ мешавад? Оре, як бор парронам шуд буд, зуд баргашта ба хона медароям.

Дарҳол дароям модарам ҳам пай намебаранд», дар худ андешид писарак ва поён омада, ҳамроҳи чанд ҳезум бодбаракро гирифту ба боло баромад. Модар саргарми корҳои худ аз ҳаракатҳои ӯ бехабар монд. Ҳезумро гузошта назди даре рафт, ки ба қафо кушода мешуд ва ба ҳамвории фарох мепайваст. Зулфини онро кушод. Аммо дудила шуд, «падарам фаҳманд, гӯшамро мебуранд», аз хаёл гузаронд ва зулфинро аз нав маҳкам карда пас гашт. Дар сари зина истод, вале ҳаваси бодбаракпарронӣ аз таъкиди падар ғолиб омад. Дубора назди дар омаду онро оҳиста во намуд. Насиме рухсори писаракро навозиш кард. Ӯ оҳиста ба самти берун по ниҳод, дилаш сахт метапид. Ба атроф чашм давонд, чизе ба назар намерасид. Дуртар аз хона чанд бинои пасту баланд маълум буду халос. Писарак барои парронданибодбарак ҳаракат кард. Пас аз ду-се кӯшиши баабасрафта бодбарак каттар боло шуд ва зуд поён омад. Бача ноумед нашуда, барои ба парвоз овардани бодбарак сайъ кард ва ниҳоят, бодбараки ӯ ба ҳаво бархост. Писарак рӯ-рӯйи замини сабзгунаи нарми баҳорӣ чун баррачаи ширхор давид ва аз парвози бодбарак дар худ нағунҷида, беихтиёр садо баланд кард:

– Ӯҳӯ-ҳӯ-ҳӯ-хӯ, бодбараки ман парвоз кард, бодбаракам парвоз кард. Ӯҳӯ-ҳӯ-ҳӯ, бодбараки ман пар... – садои тир баланд шуду овози писарак дар гулуяш монд ва сабук ба рӯйи замин афтод, ресмони бодбарак аз дасташ раҳо шуд.

Зан, ки машғули нонросткунӣ буд, садои тирро шунида дасту по хӯрд ва зуд ба боло шитофт. Ӯ ҳамин ки дари қафои хонаро боз дид, мадор аз дасту пояш рафт. Худро ба берун зад ва писаракро афтода дида ба сӯяш дартоз шуд.

Вазиши шамол сахттар шуда буд, бераҳмона ба сару рӯйи зан ҳамла мекарду намегузошт, ки пеш равад, ангор

мехост ӯро аз роҳ бозгардонад.

Ҳайрати кас меояд, ки чӣ тавр дар як фосилаи кӯтоҳ насими баҳорӣ ба шамоли зиштхӯй тадбил ёфта буд. Зан на парвои хор дошту на сангу на шамоли тунд. Худро ба назди писар расонида ҷигарпораи хешро оғуштаи хун дарёфт. Модар нишаста, чун модашер наърае кашиду навҳакунон сари писарро рӯйи зону гузошт. Писарак бо чашмони нимарог, бо овози гӯшунав гуфт: – Оча... очаҷон... бод... бод... бодбараки ман... парвоз... кард...

Зан дубора наъра кашид. Ашкрезон аз дастону чеҳраи дилбанди худ бӯсидан гирифт. Писаракро оғӯш карду дар бағал бардошт ва ду қадам гузошта буд, ки бори дигар садои пайиҳами тир баланд шуд...

Зоғони сиёҳ ба ҳар ҷониб парвоз мекарданд, «қар-қар-қар»-гӯён ошӯберо барпо менамуданд. Гӯё ба ҳам мегуфтанд, ки аҷаб махлуқест ин одамизод, ҳеч аз рехтани хуни якдигар хаста намешавад...

Бодбараки аз дасти кӯдак раҳогардида болотар аз замини хунолуд дар осмони дудолуди шаҳри Ҳалаби Суриё парвоз мекард...

Соли 2016

КАЙФАР

Тирамоҳ. Офтоб сар ба уфуқ мениҳод. Домани осмон лолагун буд. Табиат баргҳои дарахтонро чун қолинбофи моҳир рӯйи замин густурда буд, ки зери нурҳои заррини офтоб гилеми тиллорангро мемонд. Мардум, ки дар гармо зери сояи дарахтон паноҳ бурда, фароғат доштанд, ҳоло баргҳоро зери по мекарданд. Хазонбаргҳо ҳар лаҳза «хиш-хиш» садо мебаровардand ва баробари вазидани шамолаке аз ҷӯйбору канори роҳравҳо ҷой мегирифтанд.

Баъди пешин дар зери шикам сӯзи дардеро ҳис кардам. Азбаски то пешин гарди хонаҳоро тоза ва ҷомашӯйӣ карда будам, дардро оқибати меҳнати зиёд донистам. Сӯзиш гоҳ-гоҳ пайдо мешуд. Вақте ки такроран сар мезад, аз пештара шадидтар мегардид. Пеши хушдоманам рафтам.

---

[1] *Кайфар - ҷазо, сазо, подош; мукофоти некӣ ва бадӣ.*

– Намекунам не, мекунӣ! – амр кард Инъом.

– Барои чӣ? Ман мехоҳам зиндагӣ кунам, – овози Ситора меларзид.

– Ин барои ояндаи мо муҳим аст.

– Ояндаи ман гӯед, – гиря кард. – Намехоҳам духтарчаамон дар дасти модарандар азоб кашида, калон шавад.

– Ман зан намегирам.

– Шумо чунин мегӯед, аммо...

– Касе ба ҳаёти ман дахолат карда наметавонад.

– Хай гӯед, ки чаро худкушӣ кунам? Барои чӣ? – оби чашмонаш сарозер поён меомаданд. – Дидаву дониста худро бо марг ҳукм кардан. Ин барои чӣ лозим?

– Барои ояндаи дурахшон. Баҳри шуҳрат ёфтани ман лозим.

– Наход кас завҷаашро кушта шуҳрат ёбад?

– Ман эҷодкор ҳастам. Бояд «пиар» кунам.

– Чӣ хел «пиар?» – дарғазаб рӯ ба шавҳараш овард.

– Одамон барои худмуаррифӣ чӣ корҳо намекунанд. Мо ҳам туро ҳангоми таваллуди кӯдак вафот кард мегӯем ва ман чун шавҳари вафодору содиқ то охири умр муҷаррад мемонам. Маҳз бо ҳамин роҳ дар байни аҳли эҷод ном мебарорам. Шуҳратёр мегардам. Номи ту ҳам дар таърих мемонад.

– Марги чунин ном, ки бо худкушӣ монад...

– Бас! Барои ояндаи ман, эҷодиёти ман муҳим...

– Илтимос, – Ситора назди шавҳараш омада, дузону нишаст ва аз дастони ӯ дошт. – Илтимос, мекунам. Маро маҷбур накунед.

– Ин роҳи ягона аст ва имкони интихобу илоҷи бозгашт нест. Ту бояд инро хӯрӣ! – шишачаро аз миз гирифта ба дасти Ситора дод.

Жолаи наргис аз гунаҳояш ба фарши хона мерехт.

– Ба духтарамон Ёдгора ном мегузорам. Ёдгор аз ту ва аз муҳаббати мо.

– Чӣ хел муҳаббат? – дод зад Ситора.

– Аз мо хавотир накун. Ман барои духтарамон ҳамаи шароитро муҳайё мекунам.

Зан аз ҷояш бархост. Назди тирезаи ягонаи утоқ рафт. Мехост шишачаро берун партояд.

– Агар нахӯрӣ, ман духтарамонро кушта, туро талоқ медиҳам, – аз мақсади Ситора воқиф гардида, бепарвоёна гуфт Инъом. – Медонӣ, ки ин кор аз дастам меояд.

Зан жарф нафас кашид ва бо остин ашки чашмонашро тоза кард.

Мард назди тиреза омад ва аз китфи завҷааш дошт.

– Доруро хӯрда, шишачаро берун парто. Барои оянда ман, худат ва духтарамон Ёдгора, – оромона дар зери гӯши Ситора гуфт ва рафт.

Мард бошитоб аз зинаҳо поён фаромада, ба дарвоза наздик рафта буд, ки садои зане баланд шуд. Ба қафо нигоҳ кард. Ситора худро ба замин партофт...

– Не-е-е, – аз ҷой ҷаста хест Инъом. Хоби даҳшатнок дида буд. Дасту пояш меларзид. Тамоми баданаш дар обу арақ ғӯтида буд. Телефон беист занг мезад. Аранг аз ҷой хеста, назди телефон рафт ва бо дастони ларзон гӯшакро гирифту аз рӯи одат ором гӯш кард.

– Писарам як соат боз телефон мекунам, – овози модарашро шунид. –Чаро ҷавоб намедиҳӣ? Нағз-мӣ ту?

– Чӣ гап, модарҷон? – бо тарс пурсид.

– Муборак шавад, падар шудӣ. Келин духтарча таваллуд кард. Аҳволи ҳамсарат ҳам, духтарчаат ҳам нағз.

– ...

– Ало, писарам, ало...

– Фаҳмидам модарҷон, фаҳмидам, – дар ҷой нишаст Инъом. Намедонист, ки хоб аст ё бедор...

Соли 2017

Мундарича

БАРОРИ КОР!.....3
ШАБИ ЯЛДО.....4
ЧОЙПУЛӢ 42
БОДБАРАКИ ОРЗУ 60
КАЙФАР 69
ИСТГОҲИ НАҲС 80
ДАРФАНҶАК 89

ISBN 978-9943-7052-2-7

Адабий-бадиий нашр

Фаридуни ФАРҲОДЗОД

ШАБИ ЯЛДО

Муҳаррир:
Асадулло ШУКУРОВ

Мусаҳҳиҳ:
Парвизҷон АҲМАДҶОНОВ

Техник муҳаррир:
Сироҷ РАҶАБОВ

«TURON NASHR» нашриёти.
100129. Самарқанд шаҳри,
Хўжа Аҳрор Валий кўчаси, 37 уй.
Тасдиқнома: № 4708 (03.09.2020 йил)

Теришга 2021 йил 15 мартда берилди.
Босишга 2020 йил 19 апрелда рухсат этилди.
Бичими $84x108_{1/16}$ «Source Serif Variable»
гарнитурасида офсет босма усулида офсет коғозида
босилди. 6,0 шарт. б.т. 4,5 ҳисоб нашр табоғи.
Адади 500 нусха. 19/02-сон буюртма.

«TURON-MATBAA» МЧЖ босмахонасида чоп этилди.
100011, Тошкент шаҳри, Олмазор тумани, Талабалар
кўчаси, 2-уй.